**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вилояти Суғд**

# Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Айнӣ

# ҚАРОР

аз «30» октябри с.2015 № 65 д.Айнӣ

Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаҳои 8,9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи III сеюм Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Айнӣ (даъвати V) қарор мекунад:

1.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Муовини авали раиси ноҳия,муовини раиси ноҳия,роҳбари Дастгоҳи раиси ноҳия, мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва сардорони хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста ба шакли моликияташон) дар амалӣ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

3.Сардори Раёсати молияи ноҳия ва мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба эътибор гиранд.

4.Муовини аввал ва муовини раиси ноҳия, комиссияҳои доимии маҷлиси вакилони халқи ноҳия вазифадор карда шавад, ки аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намоянд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва муовинони раиси ноҳия вогузор карда шавад.

Раиси Маҷлис П. Раҳматуллозода

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ СУҒД**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ
ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ АЙНӢ**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ АЙНӢ

## барои солҳои 2016-2020

**Айнӣ – 2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ..... 5**
**Пешгуфтор ..... 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ**
**ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ АЙНӢ ..... 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ..... 12**
2.1. Соҳаи саноат ..... 12
2.2. Соҳаи кишоварзӣ. ..... 15
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ..... 22

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ..... 26**
3.1. Соҳаи маориф ..... 26
3.2. Соҳаи тандурустӣ ..... 30
3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ..... 34
3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ..... 35
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ..... 39

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ..... 43**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ..... 43
4.2. Таъмини барқ ..... 43
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ..... 44
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ..... 45

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ..... 47**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ..... 47

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД ..... 50**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ..... 54**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Айнӣ аз рӯи соҳаҳо ..... 55**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭ | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КМ | Корхонаи муштарак |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| ГЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

## *Бинишииояндаи рушди ноҳияиАйнӣ*
## *(Тассавуроти ояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)*

*Айнӣ - ноҳияи зебоманзараи водии Зарафшон ва маркази замонавии сайёҳию фарогатӣ буда, дорои корхонаҳои технологии муосири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати куҳию металургии мутараққӣ мебошад. Дар ноҳия инфрасохтори замонавӣ, муҳити созгор ва шоистаи зист, бо имконияти хуби таҳсилу табобат ва сатҳи баланди зиндагӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ, соҳибкории хурду миёна ва туризми экологию кӯҳнавардӣ бо ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ инкишоф ёфтааст.*

## Пешгуфтор

Ноҳияи Айнӣ 20 фоизи ҳудуди умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Айнӣ ноҳияи аграрию саноати металлургӣ буда, қисми аҳолии ноҳия дар корхонаҳои коркарди маъдан ва қисми бештари он бошанд ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилоят ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ махсус гардонида шудааст. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят, аз ҷумла картошка 3,7 фоиз, сабзавот 1,0 фоиз, шир 2,1 фоиз, гӯшт 3,7 фоиз, пашм 7,0 фоиз, меваҷот 2,0 фоиз ва асал 1,3 фоизро ташкил медиҳад.

Табиати хушманзара ва ландшафти мафтункунандаи ноҳия барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар қаламрави он захираҳои зиёди канданиҳои фоиданок аз қабили тилло, нукра, сурма, симоб, волфрам, рӯҳ, қалъагӣ, ангиштсанг, флюорит, мармар, оҳаксанг ва обҳои маъданӣ мавҷуданд.

Айни замониқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва захираҳои табиии бо сабаби ҷалби нагардидани сармояи хориҷию ватанӣ ва ворид нагаштани технологияи нав қисман фаъолият доранд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори ноҳия, барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ таҳия карда шуд. Дар сурати ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки захираю воситаҳои имконпазир, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, инфрасохтор ва иқтисодиёти ноҳия рудш хоҳад намуд. Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии ноҳия, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ, ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори заминавии иҷтимоӣ буда, он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ ҳамчун натиҷаи болоравии боздеҳии захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёту иҷтимоиёти ноҳия бо ҷалби ҳамаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ иҷрои тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст. Зимнан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ тамоми имкониятҳо истифода мегарданд.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Айнӣ талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», "Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияу ноҳия ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст.

Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо қарори Раиси ноҳияи Айнӣ аз 8 январи соли 2015, №09 "Дар бораи таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимои ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020" тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Айнӣ **199** лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи **211,0** млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 54 лоиҳа бо маблағи **35,2** млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 69 лоиҳа бо маблағи **113,5** млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, **47** лоиҳа бо маблағи **33,5** млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, **19** лоиҳа ба маблағи **5,9** млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва **10** лоиҳа бо маблағи **1,7** млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Ҷадвали №1. Сарчашмаҳои маблаггузории "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020" аз рӯи соҳаҳо (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети вилоят | Буҷети ноҳия | Соҳибкорон ва аҳолӣ | Сармояи хориҷӣ | Манбаъҳои номуайян |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 23367,4 | 4000 | 2800 | 800 | 2455 | 5720,4 | 8142 |
| Саноат ва СХМ | 11845 | - | - | - | 4135 | 4120 | 3590 |
| **Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ** | **35212,4** | **4000** | **2800** | **800** | **6590** | **9840,4** | **11732** |
| Маориф | 89770 | 27060 | 4250 | 1100 | 7150 | 17360 | 28300 |
| Тандурустӣ | 8320 | 4500 | 940 | 300 | 500 | 1330 | 750 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 15415 | 990 | 505 | 160 | 110 | 13200 | 450 |
| **Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ** | **113505** | **32550** | **5695** | **1560** | **7760** | **31890** | **29500** |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 3000 | 980 | 520 | 130 | 150 | 425 | 755 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 8615 | 2000 | 2360 | 295 | 360 | 1350 | 2250 |
| Барқтаъминкунӣ | 9374 | 4295 | 1620 | 196 | 350 | 1142 | 1771 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 33540 | 3000 | 500 | 300 | 1500 | 23240 | 5000 |
| **Ҳамагӣ, инфрасохтор** | **54529** | **10275** | **5000** | **921** | **2360** | **26157** | **9776** |
| Экология ва ҳолатҳои фавқулодда | 5945 | 1200 | 2310 | 265 | 550 | 550 | 1070 |
| Таъминоти захиравӣ | 1790 | 1510 | 90 | 104 | - | 115 | - |
| **Ҳамагӣ, арзиши БРН Айнӣ** | **210981,4** | **49535** | **15895** | **3650** | **17260** | **68552,4** | **52078** |

Барои татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020" аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **211,0 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз ҷумла, аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 49,5 млн. сомонӣ;

Буҷети вилоят 15,9 млн. сомонӣ;

Буҷети ноҳия 3,6 млн. сомонӣ;

Соҳибкорон ва аҳолӣ 17,2 млн. сомонӣ;

Сармояи хориҷӣ 68,5 млн. сомонӣ;

Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 52,1 млн. сомонӣ.

# БОБИ 1. ШАРҲИ ВАЗЪИ ВОҚЕИ

**Сохти маъмурию ҳудудии ноҳия.** Ноҳияи Айнӣ дар қисми шимолу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Зарафшон ҷойгир буда, ба ҳайати вилояти Суғд дохил мешавад. Масоҳати умумии он 5158,6 км$^2$-ро ташкил менамояд. Ноҳияи Айнӣ бо ноҳияҳои Панҷакент, Кухистони Мастчоҳ, Ғончӣ, Шаҳристон, Ҳисор, Шаҳринав, Варзоб, Ваҳдат, Ғарм ва дар шимол бо вилояти Ҷиззах ва дар қисмати ҷанубу ғарби бо вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Узбекистон ҳамсарҳад мебошад. Масофаи байни ноҳияи Айнӣ то маркази вилояти Суғд 177 километр ва то ноҳияи Душанбе 140 километрро ташкил медиҳад. Ҳудуди ноҳия аз маркази маъмурии он ноҳияи Айнӣ ва 7 ҷамоати деҳот, аз ҷумла Айнӣ (11 деҳа), Анзоб (8 деҳа), Дар-дар (6 деҳа), Рарз (9 деҳа), Урметан (7 деҳа), Фондарё (11 деҳа), Шамтуч (5 деҳа) ва як ҷамоати шаҳраки Зарафшон иборат аст.

*Расми 1. Нақшаи генералии ноҳияи Айнӣ*




**Маълумоти демографӣ.** Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Айнӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 76797 нафар буда, аз он 50,2 фоизро занҳо ташкил медиҳанд. Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ба 14,8 нафар рост меояд. 3 фоизи аҳолӣ дар шаҳр ва 97 фоизи он дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ 1,7 фоизро ташкил медиҳад. Давомнокии миёнаи умр дар ноҳия 68,4 солро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №2. Шумораи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аҳолии ноҳияи Айнӣ бо таносуби ҷинсӣ ба ҳолати1-уми январи соли 2015*

| № | Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла занҳо/духтарҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Урметан | 4394 | 18017 | 9094 |
| 2 | Дар-дар | 1656 | 7562 | 4289 |
| 3 | Айнӣ | 3130 | 14862 | 7298 |
| 4 | Рарз | 2400 | 9662 | 4617 |
| 5 | Шамтуч | 1544 | 6553 | 3490 |
| 6 | Анзоб | 1640 | 8440 | 4167 |
| 7 | Фондарё | 2003 | 9478 | 4701 |
| 8 | Зарафшон | 655 | 2223 | 1176 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия | | 17512 | 76797 | 38832 |

Бештари аҳолии ноҳияи Айнӣ асосан тоҷикон мебошанд, ки ҳиссаи онҳо 99,0 фоиз ва боқимонда дигар миллатҳо дар ҳудуди ноҳия зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали №3. Таркиби синнусолии аҳолии ноҳияи Айнӣ ба 1-уми январи соли 2015*

| № | Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, занон/духтарон | % духтарон/ занон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Кӯдакони то 16 сола | 26925 | 13303 | 49,4 |
| 2 | Аҳолии миёнасол (16-62) | 42896 | 21818 | 50,8 |
| 3 | Аҳолии синусоли нафақа | 6976 | 3265 | 57,6 |
| Ҳамагӣ шумораи аҳолӣ | | 76797 | 38386 | 50,8 |

Дар сохтори синнусолии аҳолӣ, шумораи кӯдакони синни то 16 сола 35,0%, аҳолии синну соли миёна (қобили меҳнат) 55,8 фоиз ва аҳолии синни нафақа 9,1 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №4. Ҳолати демографии ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Таваллуд | Шумораи фавт | Муҳоҷират | | Афзоиши воқеӣ | Афзоиш бо % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Омад | Рафт | | | |
| 2012 | 1421 | 342 | 7610 | 7645 | 1079 | 6,8 | 73,9 |
| 2013 | 1415 | 483 | 7562 | 7632 | 1666 | 4,5 | 75,2 |
| 2014 | 2133 | 451 | 7660 | 7686 | 1682 | 4,5 | 76,8 |

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо, суръати миёнаи солонаи афзоиши табиии аҳолӣ дар ноҳияи Айнӣ дар панҷ соли оянда 2,2 фоизро ташкил дода, зиёдшавии шумораи аҳолии ноҳия то соли 2020 ба 78,6 ҳазор нафар дар назар дошта шудааст, ки нисбати соли 2014 ба 1,8 ҳазор нафар зиёд мебошад. Бо назардошти тағйирёбии вазъи демографии ноҳия ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ то соли 2020 зарурияти ташкил намудани 820 ҷойҳои нишаст дар мактабҳои асосӣ, 495 ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои томактабӣ, сохта ба истифода додани 23,6 ҳазор м$^2$ манзилҳои истиқоматӣ ва таъсиси 1,6 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ ба миён меояд.

*Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди афзоиши аҳолии ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2011-2020(ҳазор нафар)*

| Нишондодҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | с2020 нисбати с 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар) аз ҷумла | 76,8 | 77,0 | 78,0 | 78,1 | 78,3 | 78,5 | 78,6 | 102,2 |
| шаҳрӣ | 2,7 | 2,9 | 3,0 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,2 | 118,5 |
| деҳотӣ | 74,2 | 74,1 | 75,0 | 75,1 | 75,1 | 75,3 | 75,4 | 101,6 |

**Шарҳи таърихию фарҳангӣ.** Бозёфтҳои таърихие, ки дар ноҳия ёфт шудаанд, марбути замони асри биринҷӣ буда, шоҳони давлати Суғд дар ин мавзеъ қалъаҳои боҳашамат барои зиндагӣ ва ҳимоя аз душманон бунёд намудаанд, ки то ҳол баъзе аз харобаҳои онҳо боқӣ мондаанд. Аҳолии дараи Яғноб, ки дар ҳудуди ноҳия зиндагӣ мекунанд, забон ва расму оинҳои суғдиёни қадимаро то замони мо нигоҳ доштанд. Аз ҳудуди ноҳия яке аз шоҳаҳои роҳи бузурги абрешим мегузарад, ки барои иқтисодиёти минтақа аҳамияти назаррас доштааст.

Ноҳияи имрӯзаи Айнӣ то солҳои 30-юми асри XX ба волостҳои Фалғар ва Искандара дохил мешуд. 23 ноябри соли 1930 волостҳоро якҷоя карда, ноҳияи Заҳматобод таъсис дода шуд. Бо қарори Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон 26 ноябри соли 1955 ноҳия ба худ номи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садридин Айниро гирифт ва маркази он деҳаи Айнӣ интихоб шуд.

**Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо**. Масоҳати ноҳия 5,2 ҳазор км$^2$ буда 97 фоизи онро куҳ ташкил медиҳад. Ҳарчанд масоҳати ноҳия калон аст, заминҳои корами он хеле кам мебошад. Иқлими ноҳия муътадили континенталӣ буда, дар фасли зимистон -25 -30С хунук ва дар фасли тобистон аз +30 то +38С гарм мебошад. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво +9С аст.

Ноҳия дорои табиати зебо, обу ҳавои тоза ва чашмаҳои гуногуни шифобахш аст. Ҳамчунин, ноҳия дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ, захираҳои маъдании сурма, симоб, тилло, волфрам, нуқра ва ангишт мебошад. Захираҳои табиӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ имконият фароҳам меорад. Айни замондар ноҳия конҳои ангиштсанг, сурмаю симоб ва тилло коркард мешаванд. Калонтарини захираи ангишт дар кони Фон-Яғноб, ки дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ҷойгир шудааст, ки захираи он 1,6 млрд. тонна ҳисоб карда шудааст. Ангиштсанги ин минтақа сифати баланд дошта 80 фоизи он коксшаванда аст. Инчунин захираи ангишт дар деҳаҳои Вашан, Утоғар ва Урметан низ кашф шудааст. Олами ҳайвоноти ноҳия аз хирс, гург, рӯбоҳ, шағол, харгӯш, бузи кӯҳӣ, ҷайра, хуки ваҳшӣ, кабк, мурғи ҳилол ва ғайра иборат аст. Аз рӯи анъана таваҷҷуҳи сайёҳон ба мавзеъҳои Искандаркӯл, кӯлҳои Аловуддин ва дараи Яғноб зиёд мебошад.

**Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ.** Айнӣ ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи саноати куҳӣ низ рӯ ба инкишоф дорад. Кишоварзӣ натанҳо соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт, балки хусусияти иҷтимоӣ дошта 98,8 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ мекунад. Дар доираи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 49 адад хоҷагиҳои ҷамоавии деҳқонӣ ва 869 адад хоҷагиҳои инфиродии деҳқони (фермерӣ) ташкил карда шудааст.

Масоҳати умумии заминҳои ноҳия 515820 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 3013га заминҳои кишоварзӣ мебошад. Аз маҷмӯи заминҳои кишоварзӣ, ҳамагӣ 2917 га заминҳои корам, аз он 2634 га обӣ ва 283 заминҳои лалмӣ ташкил медиҳад. Ҳарчанд масоҳати ноҳия хеле васеъ бошад ҳам, вале ҳамагӣ 3 фоиз ё 15474 га заминҳои обӣ қобили истифода мебошанд.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия муаммоҳои зерин вуҷуд дорад; кам будани заминҳои киштбоби обёришаванда, таъмини набудан бо тухмиҳои хушсифат, норасогии оби полезӣ, техникаи муосири кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, инчунин ҳолати ҳосилхезии ғайриқаноатбахши заминҳои кишоварзии ноҳия.

Бо вуҷуди ин, соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 -129,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2013 - 100,2 фоиз ва соли 2012 - 120 фоиз зиёд мебошад.

Саршумори чорвои калони шохдор дар ноҳия ба 29541 сар, чорвои майда 120440 сар, 175 сар асп ва парранда ба 19075 сар расонида шуд. Барои зимистонгузаронӣ дар хоҷагиҳо захираи зарурии хӯроки чорво таъмин гардида, 4728 тонна хошоки дурушт ва 1835 тонна хурокӣ, 5 тонна хӯроки ширадор захира карда шуд.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Айнӣ соҳаи саноати коркарди маъданҳои кухӣ низ инкишоф ёфтааст. Дар ноҳия 7 корхонаи саноатӣ – Корхонаи муштараки «Анзоб», ҶДММ «Кони ангишти Фон - Яғноб», ҶДММ «Талко Ресурс», Ширкати металургияи «Анзоб», ҶСШК «Матбаа», ҶДММ «Шамтуч», ҶДММ «Зеробод», фаъолият менамоянд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 беш аз 226,4 миллион сомониро ташкил дод. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия консентрати сурмаю симоб, ангиштсанг, қувваи барқ, обҳои нушокӣ ва маҳсулоти сохтмонӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар соли 2014 Нерӯгоҳҳои барқи обии «Дижик» ва «Марзич» истеҳсоли қувваи барқро ба 942,7 кВт\соат расонид, ки нисбати соли 2013 ба андозаи 90,8 миллион кВт\соат зиёд мебошад.

Имрӯз дар ноҳияи Айнӣ 66 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз он 49 муассисаи таҳсилоти миёна, 17 асосӣ, 4 ибтидоӣ ва 4 кӯдакистон фаъолият менамоянд ва дар онҳо

16540 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 1575 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Оғози таҳсили 2015-2016 боз 35 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор шуруъ намуда, мактабҳои ноҳия пурра бо омӯзгорон таъмин мебошанд.

Дар 4 муассисаи томактабии амалкунанда 500 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд.

*Ҷадвали №6. Таҳлили вазъияти умумии ноҳия (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| ➢ Мавҷудияти захираҳои зиёди табиӣ;<br>➢ Мавҷуд будани корхонаҳои азими саноатӣ;<br>➢ Иқлими мусоид барои растанипарварӣ ва чорводорӣ;<br>➢ Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ;<br>➢ Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос;<br>➢ Мавҷуд будани табиати гуногуни диққатҷалбкунанда барои рушди сайёҳӣ;<br>➢ Мавҷуд будани барномаи миёнамуҳлати рушди ноҳия;<br>➢ Мардуми меҳнатдӯст ва меҳмоннавоз;<br>➢ Мавҷудияти шоҳроҳи транзитии Душанбе – Чанок ва Айнӣ-Панҷакент;<br>➢ Мавҷудияти талабот ба маҳсулоти саноатии ноҳия; | ➢ Истифодаи нокифояи имкониятҳои коркарди канданиҳои фоиданок;<br>➢ Ба иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ;<br>➢ Ҷараёни сусти татбиқи ислоҳоти соҳаҳо;<br>➢ Корношоями системаҳои обёрикунӣ;<br>➢ Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;<br>➢ Норасоии ҷойҳои корӣ ва музди меҳнати паст;<br>➢ Суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба соҳаи сайёҳӣ;<br>➢ Ҳолати бади роҳҳои маҳаллӣ;<br>➢ Бад шудани ҳолати заминҳои корам;<br>➢ Сатҳи пасти рушди иқтисодӣ;<br>➢ Тағйир ёфтани нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ;<br>➢ Фоизи баланди қарзҳо. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| ➢ Мавҷудияти талаботи беруна ба маҳсулоти кишоварзии ноҳия;<br>➢ Дарёфти бозорҳои берунаи фуруши маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии ноҳия;<br>➢ Пешбинӣ намудани маблағгузории сохтмон ва азнавсозии мактабҳо ва беморхонаҳо барои ноҳияи Айнӣ;<br>➢ Оғоз намудани сохтмони роҳи автомобилгарди Айнӣ - Куҳистони Мастчоҳ;<br>➢ Ҷалби бештари сармояи хориҷӣ барои рушди соҳаи коркарди маъдан;<br>➢ Мавриди амал қарор гирифтани тақсимоти замини назди ҳавлигӣ;<br>➢ Оғози бунёди НОБ – ҳои хурду миёнаи барқӣ дар ноҳия. | ➢ Таъсири офатҳои табиӣ;<br>➢ (обхезӣ, жола, хушксолӣ, тарма, ярч ва дигар таъсироти экзогенӣ);<br>➢ Таъсири омилҳои коррупсионӣ;<br>➢ Вайроншавии заминҳои киштшаванда;<br>➢ Таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ ба равандҳои рушди маҳаллӣ;<br>➢ Беқурбшавии асъори миллӣ. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯҲОИ СОҲАВӢ

## 2.1. Бахши иқтисодиёт

### *2.1.1. Саноат*

**Аҳамият барои иқтисодиёти ноҳия.** Соҳаи саноати ноҳияи Айнӣ яке аз ҷузъҳои таркибии саноатӣ вилоят ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар он иқтидори калони истеҳсолӣ мавҷуд мебошад (он 6,0% ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят ва қариб 2,15% маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро ташкил медиҳад). Соҳаи саноати ноҳия асосан аз корхонаҳои истихроҷ ва коркарди маъдан, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, оби минералӣ, истеҳсоли нерӯи барқ, ангиштсанг ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ иборат аст.

Дар ноҳия Айнӣ 7 корхонаи саноатӣ, аз ҷумла Корхонаи муштараки «Анзоб», ҶДММ «Кони ангишти Фон - Яғноб», ҶДММ «Талко Ресурс», Ширкати металургии «Анзоб», ҶДММ «Матбаа», ҶДММ «Шамтуч» ва ҶДММ «Зеробод» фаъолият менамоянд.

Бояд қайд кард, ки бо назардошти ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ соли 2014 бо дастгирии молиявии шарикони хориҷӣ Ширкати металургии «Анзоб» бунёд гардида, ба фаъолият оғоз намуд. Ҷиҳати самаранок фаъолият намудани корхонаҳои саноатии ноҳия мушкилоти зиёде ҷой дорад, вале ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда фаъолияти корхонаҳои саноатии ноҳияи Айнӣ таи солҳои охир назаррас гаштааст.

Корхонаҳои саноатии ноҳияи Айнӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми 226,4 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба соли 2013 қариб 92,4% ва ё 108,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

*Ҷадвали №7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мувофиқи корхонаҳои саноатии ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбати 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли ангиштсанг | ҳаз.с | 164629 | 296566 | 611840 | 3,7мар |
| 2. | Фурӯши ангиштсанг | ҳаз.с | 164629 | 296566 | 611840 | 3,7м |
| 3. | Истеҳсоли хокаи сурмаю симоб | ҳаз.с | 18310,0 | 16262,3 | 24553 | 134 |
| 4. | Фурӯши хокаи сурмаю симоб | ҳаз.с | 18310 | 16262,3 | 24553 | 134 |

**Диаграммаи №1. Хаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2011-2014 бо нархҳои муқоисавӣ (млн. сомонӣ)**




Дар ноҳияи Айнӣ 7 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки истеҳсолот дар онҳо дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Танҳо дар соли 2014

ҳамагӣ 1 корхонаи нави саноатӣ ба фаъолият шурӯъ кард, ки дар онҳо 152 ҷои корӣ таъсис дода шудааст.

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 1261 нафар коргарон (5,9%-и бо кор таъмин будагон дар ноҳия) фаъолият мекунанд, ки 133 (10,5%) нафарашон занҳо мебошанд. Музди меҳнати миёнаи корхонаҳои саноатӣ соли 2014 - 1664 сомониро ташкил кард. Маблағи пардохти андоз ба буҷети маҳаллӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 ҳамагӣ 21,0 млн. сомонӣ (ё худ 59,9% даромади буҷетро) ташкил дод.

Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ бо қувваи корӣ таъмин мебошанд, вале бо вуҷуди он дар баъзе корхонаҳо норасоии мутахассисони баландихтисос эҳсос карда мешавад.

**Ҳолати корхонаҳои саноатӣ.** Корхонаҳои саноатӣ бо техникаи истеҳсолӣ муҷаҳҳаз мебошанд, вале аксарияти онҳо фарсуда гашта ба ҷараёни истеҳсолот ва сифати маҳсулот таъсири манфӣ мерасонанд.

*Ҷадвали №8. Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳияи Айнӣ*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноати | Намуди фаъолият | Иқтидори лоиҳавӣ (тонна) | Иқтидори воқеӣ тонна | Ҳолати таҷҳизот | Истеъмолкунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КМ «Анзоб» | Истихроҷи маъдан | 350,0 | 350,0 | Хуб нест | Россия- Хитой |
| 2. | ҶДММ «Кони ангишти Фон - Яғноб» | Истихроҷи ангиштсанг | 300,0 | 477,0 | Хуб нест | Аҳолӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ |
| 3. | ҶДММ «Матбаа» | Нашри маҳсулоти чопӣ | 10,0 | 3,0 | Хуб нест | Ноҳия |
| 4. | ҶДММ «Талко Ресурс» | Истихроҷи ангиштсанг | навташкил | 100,0 | Хуб аст | Корхонаи Алюмини тоҷик |
| 5. | Ширкати металургии «Анзоб» | Истеҳсоли сурмаю симоб | 5000 | 400 | Хуб аст | Россия- Хитой |
| 6. | ҶДММ «Зеробод» | Обҳои ташнашикан | 5,0 | 6,0 | Хуб аст | Аҳоли ҷумҳурӣ |
| 7. | ҶДММ «Шамтуч» | Истеҳсоли консерва | 10,0 | 10,5 | Хуб аст | Аҳолии ноҳия |

Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки корхонаҳои саноатии ноҳия бинобар сабаби маҳдуд будани бозори фурӯш, суст будани низоми менеҷмент ва маркетинг, гарон будани хароҷотҳои истеҳсолӣ (сузишворӣ ва барқ), кӯҳна ва фарсуда гардидани хатҳои технологӣ ва суст будани дастрасӣ бо қарзҳои имтиёзнок (дарозмуҳлат) - и бонкӣ бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд.

**Иқтидорҳо.** Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ноҳия таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла коркарди ширу гӯшт, коркарди меваю сабзавот, гилембофию дӯзандагӣ, коркарди пӯст ва маҳсулот аз он, коркарди пашм, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба шумор меравад. Дар доираи Барномаи мазкур барқарорсозии фаъолияти корхонаҳои коркарди ширу гушт ва консерваи меваю сабзавот, корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, пешбинӣ гардидааст. Дар ҳолати иҷро гардидани корҳои зикршуда, дар ноҳияи Айнӣ зиёда аз 1000 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Дар ноҳия зарурати ҷорӣ намудани раванди дастгирии рушди корхонаҳое, ки дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла корхонаҳои истихроҷ ва коркарди маъдан, истеҳсоли обҳои минералӣ ва коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ба миён омадааст.

Дар микёси ноҳия корхонаҳои истеҳсоли маводи сохтмонӣ корҳои барқарорсозӣ ва реконструксия бо мақсади ба роҳ мондани коркарди чӯбу тахта, истеҳсоли семент бо ҷалби сармояи берунаву дохилӣ дар назар дошта шудааст.

Мавқеи муҳим дар иқтисодиёти ноҳия ба рушди соҳибкории хурду миёна дода мешавад, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ назаррас мебошад. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ зери таъсири манфии норасоии маблағҳо (инчунин қарзҳо), мавҷуд набудани раванди мукаммали андозбандӣ ва дастгирии сусти давлатӣ идома дорад.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи ноҳия;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ноҳия.

Таҷҳизотҳои қисме аз корхонаҳои саноатии ноҳия кӯҳнаю фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нестанд. Бинобар ин маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори беруна рақобатпазир нест. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2012, №175 “Дар бораи тасдиқи Нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2014” дар ноҳияи Айнӣ 3 корхонаи саноатӣ дар ноҳия ба фаъолият шуруъ кард.

**Дурнамо.** Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои МИҲД-и ноҳияи Айнӣ, болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 нисбати соли 2014 ба 126,5 фоиз аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои саноатии нав ва технологияҳои муосир оид ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар назар аст. Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаҳои дурнамо бо назардошти таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияи нав ва пурра ба кор даровадани иқтидорҳои мавҷудаи онҳо, таъсиси корхонаҳои нави хурду миёна, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 дар қиёс ба соли 2014 қариб 26,5 фоиз зиёд хоҳад шуд. Ҳамзамон, дар Барнома ба истифода додани як қатор корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 286,4 миллион сомонӣ расонида хоҳад шуд.

*Ҷадвали № 2. Нишондиҳандаҳои дурнамои истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020 (млн. сомонӣ)*




Мутобиқи нақшаи дурнамо дар ноҳияи Айнӣ нишондиҳандаи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 то ба 286,4 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин нисбати соли 2015 дар ҳаҷми 51 млн. сомонӣ ё 21,6 фоиз зиёд мебошад.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар миқёси ноҳия то соли 2020 асосан аз ҳисоби васеъ намудани истихроҷ ва коркарди маъдани сурмаю симоб ва ба кор андохтани иқтидорҳои нави саноатӣ дар миқёси ноҳия пешбинӣ карда шудааст.

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати ноҳия мутобиқи дурнамо дар панҷ соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

*Ҷадвали №9. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии н. Айнӣ аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот дар соли 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Маҳсулоти саноатӣ (кору хизмат) бо нархҳои яклухти корхонаҳо (ҳамагӣ) | 226,4 | 235,4 | 244,8 | 254,6 | 265,0 | 275,4 | 286,4 | 126,5 |
| Сузишворӣ | 89,0 | 92,5 | 96,3 | 100,1 | 104,1 | 108,3 | 112,6 | 126,5 |
| Металлургияи ранга | 120,0 | 125,4 | 131,0 | 135,3 | 140,7 | 146,3 | 152,3 | 126,9 |

Асоси истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноатӣ ноҳия ин истеҳсоли хокаи сурмаю симоб ташкил медиҳад. Мавҷудияти корхонаҳои саноати кӯҳӣ ва талабот ба маҳсулоти онҳо дар бозори дохиливу беруни имконият фароҳам меорад, ки истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо афзоиш ёбад. Аз ин лиҳоз мутобиқи дурнамо, истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ соли 2020 нисбати соли 2014 – 126,5 фоиз, аз ҷумла ангишт 126,5% ва хокаи сурма 127% зиёд карда мешавад.

Дар соли 2014 дар корхонаҳои саноатии ноҳия 1261 нафар коргар фаъолият доштанд, ки 5,9 фоизи шумораи руйхати коргарони ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №10. Шумораи кормандон дар соҳаи саноат (нафар)*

| № | Номгӯи корхона | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбати 2012% |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КМ «Анзоб» | 741 | 756 | 768 | 103 |
| 2. | ҶДММ «Кони Фони – Яғноб» | 233 | 248 | 252 | 108 |
| 3. | ҶДММ «Матбаа» | 2 | 2 | 2 | 100 |
| 4. | Ширкати металургии «Анзоб» | 55 | 71 | 69 | 125 |
| 5. | ҶДММ «Талко Ресурс» | - | - | 152 | - |
| 6. | ҶДММ «Зеробод» | 12 | 15 | 18 | 150 |
| 7. | ҶДММ «Шамтуч | - | 3 | 3 | |
| Ҳамагӣ: | | 1043 | 1095 | 1264 | 121,2 |

**2.2. Кишоварзӣ**

Ноҳияи Айнӣ яке аз ноҳияи аграрию саноатии вилояти Суғд маҳсуб ёфта, нақши он дар рушду пешрафти иқтисодиёти ноҳия ва дар ин замина таъмин намудани аҳолии ноҳия бо маҳсулоти кишоварзии маҳаллӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ хеле баланд арзёбӣ мегардад.

Зиёда аз 97,0 фоизи аҳолии қобили меҳнатӣ дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии деҳот қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меоранд. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд.

Дар деҳот аслан кишоварзон ба истеҳсоли ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пилла, чорво, занбӯри асал ва моҳипарварӣ машғул мебошанд.

Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 -129,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2013 -100,2% зиёд мебошад. Бояд қайд кард, ки афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби зиёд шудани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ таъмин гардидааст.

*Диаграммаи №3. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*




Мутобиқи маълумотҳои расмии соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии деҳот дар миқёси вилоят 2,3 фоиз ва аз рӯи картошка –3,7%, ғалла – 2,0%, сабзавот – 1,0%, меваҷот –2,3%, хуроки чорво – 2,2%, шир – 2,1%, гӯшт – 3,7%, асал – 1,3%, тухм – 0,5% ва пашм – 6,7% -ро ташкил дод.

Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда – ин пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини аҳолии ноҳия бо маҳсулоти хушсифати маҳаллӣ ва таъминин амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Дар доираи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 49 адад хоҷагиҳои ҷамоавии деҳқонӣ ва 869 адад хоҷагиҳои инфиродии деҳқони (фермерӣ) ташкил карда шудааст.

*Ҷадвали №11. Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоатҳо ба ҳолати 1.01. соли 2015*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Хонаводаҳо | Хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ | Хоҷагиҳои инфиродӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ҷ/д Урметан | 4394 | 9 | 321 |
| 2. | ҷ/д Дар-дар | 1556 | 5 | 61 |
| 3. | ҷ/д Айнӣ | 3130 | 9 | 186 |
| 4. | ҷ/д Рарз | 2490 | 5 | 208 |
| 5. | ҷ/д Шамтуч | 1544 | 2 | 6 |
| 6. | ҷ/д Анзоб | 1640 | 5 | 52 |
| 7. | ҷ/д Фондарё | 2003 | 5 | 31 |
| 8. | ҷ/ш Зарафшон | 655 | 9 | - |
| Ҳамагӣ | | 17512 | 49 | 869 |

**Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебошад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 127 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин 89,0 фоизаш коршоям (113 адад) ва 11,0 фоизаш (14 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ 55 трактор ба қайд гирифташуда, аз шумораи умумии тракторҳои мавҷуда 63,7% трактори шудгоркунанда (35 адад) ва 36,3% тракторҳои нақлиётӣ (20 адад) мебошанд. Илова ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 27 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст, ки аз ин 23 ададаш (85,2 фоиз) омодаи кор мебошад.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо нарасидани техника мебошад. Таи 20 соли охир ба хоҷагиҳои деҳқонӣ трактори чархдор ворид нашудааст ва ба ҳар як трактори мавҷуда 58,3 гектар замини корам рост меояд. Омили дигаре, ки ба пешрафти истеҳсоли

кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин маълумоти кифоя надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 100 ададро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №12. Техникаҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва ҳолати коршоямии онҳо (ба 01.01.2015)*

| № | Номгӯи техника | Ҳамагӣ | Омода | Фоизи омодагии техника |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 55 | 50 | 90,9 |
| 2 | Комбайн | 3 | 2 | 66,7 |
| 3 | Ядакҳои тракторӣ | 27 | 23 | 85,2 |
| 4 | Испрҳо | 38 | 34 | 89,5 |
| 5 | Тухмипошак | 3 | 3 | 100 |
| 6 | Култиваторҳо | 1 | 1 | 100 |
| | Ҳамагӣ | 127 | 113 | 89,0 |

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад.

Мушкилиҳои мавҷуда: набудани маркази хизматрасонии техникӣ, суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ, аз муҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо), набудани ташкилотҳои лизингӣ, суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**Истифодаи замин.** Масоҳати умумии заминҳои ноҳия 515820 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 3013 га заминҳои кишоварзӣ (якҷоя бо заминҳои ноҳия дар ноҳияи Шаҳристон 96 га) мебошад. Аз маҷмӯи заминҳои кишоварзӣ, ҳамагӣ 2917 га заминҳои корам, аз он 2634 га обӣ ва 283 га заминҳои лалмӣ ташкил медиҳад. Ҳарчанд масоҳати ноҳия хеле васеъ бошад ҳам, вале ҳамагӣ 3 фоиз ё 15474 га заминҳои обӣ қобили истифода мебошанд.

*Ҷадвали №13. Сохтори умумии истифодабарии заминҳои ноҳияи Айнӣ*

| № | Истифодабарии заминҳо | в/ч | Масоҳат, га ба 01.01.2015. |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи заминистифодабарандагон | нафар | 14700 |
| 2. | Майдони умумии заминҳо | га | 515820 |
| 3. | Аз ҷумла; заминҳои кишоварзӣ | га | 3013 |
| 4. | Замини корам | га | 1441 |
| 5 | Боғҳо | га | 834 |
| 6. | Чарогоҳ | га | 141462 |
| 7. | Ҷангалу бешазорҳо | га | 22139 |
| 8. | Заминҳои зери об | га | 2953 |
| 9. | Заминҳои зери роҳҳо | га | 1528 |
| 10. | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо | га | 788 |
| 11. | Ҷарҳо | га | 99 |
| 12. | Ярҷу шағалдор | га | 255712 |
| 13. | Пиряххо | га | 16742 |
| 14. | Дигар заминҳои ғайрикишоварзӣ | га | 69841 |

Бо сабаби маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ қобили истифода ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар сокини ноҳия 0,03 га замин рост меояд, ки ин нишондиҳадаи камтарин дар миқёси вилоят ва ҷумҳурӣ аст.

Бинобар сабаби маҳдуд будани захираи молиявӣ азхудкунии заминҳои нав назарррас нест, вале дар сохтори истифодаи замин тағирот ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар ноҳия тамоюли майдони кишти зироати хӯроки чорво, картошка кишти ғалладона афзоиш ба назар мерасад.

Аз захираи умумии заминҳои корами дар ноҳия мавҷуда дар соли 2014, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 2849 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 25 гектар кам мебошад. Аз майдони умумии кишти гузаронидашуда, майдони кишти ғалладонагиҳо 1786 гектар, майдони кишти картошка 424 гектар, майдони кишти сабзавот 90 гектар ва майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 485 гектарро ташкил додааст.

*Диаграммаи №4. Майдони кишт аз рӯи намуди зироатҳо дар соли 2014 (бо фоиз)*




Аз рӯи ҳаҷми натуралии истеҳсоли маҳсулоти мухталифи кишоварзӣ дар соли 2014 ба ҳар сари аҳолӣ: ғалладонагиҳо 53,5кг, сабзавот 51,3 кг ва картошка 155,1 кг рост меояд. Мутаассифона зиёда аз 128 гектар заминҳои обӣ бинобар бад гаштани ҳолати мелиоративиашон, тайи солҳои охир мавриди кишти зироатҳо қарор намегиранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба ҳар сар аҳолии ноҳия ба ҳисоби миёна 0,037 га заминҳои қобили истифодаи кишоварзӣ рост меояд ва ин тамоюл сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Чунин ҳолат дар ҷамоати деҳоти Шамтуч бештар ба назар мерасад. Зеро дар ҷамоати мазкур 211 га заминҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,032 га рост меояд. Дар ҷамоати деҳоти Фондарё - 450 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,047 га рост меояд. Дар ҷамоати деҳоти Урметан бошад 694 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,038 га рост меояд. Дар ҷамоати деҳоти Дар-дар - 227 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,030 га рост меояд. Дар ҷамоати деҳоти Рарз - 485 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,050 га рост меояд. Дар ҷамоати деҳоти Айнӣ - 594 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сар аҳолии ҷамоати мазкур 0,040 га рост меояд ва дар ҷамоати деҳоти Анзоб бошад 189 га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ба ҳар сари аҳолии ҷамоати мазкур 0,022 га рост меояд.

**Растанипарварӣ.** Ҳиссаи растанипарварӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар соли 2014 - 53,4 фоизро ташкил дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ин давра 68,8 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки нисбати соли 2013 - 11,7 млн. сомонӣ кам мебошад ва кам шудани ҳаҷми он, ин вобаста ба анҷом расидани мӯҳлати истифодаи майдони заминҳои воқеъ дар ноҳияи Зафарободвобастагӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бинобар сари вақт нагузаронидани корҳои агротехники коркарди замин, аз рӯи меъёри муқарраршуда таъмин накардан бо нуриҳои маъданӣ, фарсуда шудани техникаи мавҷудаи кишоварзӣ, набудани системаи киштгардон ва сари вақт таъмин нагардидани заҳрхимикатҳо сабаби нисбатан паст шудани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ гардидааст.

*Ҷадвали №14. Ҳаҷми истеҳсол ва ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи солҳои 2011-2014*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ченак | Солҳо | | | | с 2014 нисбати с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Ғаллаҳо, ҳамагӣ | тонна | 3761 | 4787 | 4052 | 4117 | 109,4 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 19,6 | 20,8 | 22,2 | 22,8 | 116 |
| Сабзавот, ҳамагӣ | тонна | 5183 | 5376 | 5466 | 3947 | 76,1 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 296,9 | 305,9 | 315,8 | 344 | 115,9 |
| Картошка, ҳамагӣ | тонна | 10261 | 14827 | 15111 | 11942 | 116,3 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 250,8 | 262,4 | 267,4 | 246 | 98,0 |
| Меваҷот, ҳамагӣ | тонна | 2215 | 2861 | 1653 | 2510 | 113,3 |
| ҳосилнокӣ | с/га | 38,5 | 46,5 | 28,4 | 37 | 96,1 |
| Полезиҳо, ҳамагӣ | тонна | 764 | 862 | - | - | - |
| ҳосилнокӣ | с/га | 246,5 | 249,9 | - | - | |
| Пахта | тонна | 301 | 124 | - | - | - |
| ҳосилнокӣ | с/га | 12,4 | 12,7 | - | - | - |

**Картошкапарварӣ.** Барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия яке аз соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб меравад. Дар хоҷагиҳои ноҳия соли 2013 дар ҳаҷми 15111 тонна картошка истеҳсол шуда бошад, соли 2014 қариб 11942 тонна ҳосил гирифта шудааст. Сабаби асоси кам шудани ҳаҷми истеҳсоли картошка дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ин пеш аз ҳама кам шудани майдони кишти картошка (аз ҳисоби заминҳои воқеъ дар ноҳияи Зафаробод) ва бинобар сабаби истифода шудани тухмии пастсифат, паст шудани ҳосилнокии картошка дар миқёси ноҳия (-21,7с) мебошад.

*Ҷадвали №15. Тамоюли истеҳсоли картошка дар солҳои 2011-2014*

| Солҳо | Майдон (га) | Ҳосилнокӣ | Истеҳсолот | Фуруш (тонна) | Маблағи фуруш | Арзиши сомонӣ | Фоида зарар | Даромадно ки бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 409 | 250,8 | 10261 | 6156 | 3078 | 2839 | +239 | 8,4 |
| 2012 | 565 | 262,4 | 14827 | 8890 | 6223 | 5806 | +417 | 7,2 |
| 2013 | 565 | 267,4 | 15111 | 9060 | 9060 | 8325 | +735 | 8,8 |
| 2014 | 486 | 245,7 | 11942 | 7165 | 10031 | 9184 | +847 | 9,2 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка танҳо дар соли 2014 кам гардидааст. Имкониятҳои зиёд намудани ҳаҷми кишти картошка дар ноҳия вуҷуд дорад. Вале паст будани сифати тухмии картошка, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои картошкапарварӣ ба қарзҳои имтиёзноку дарозмуҳлат, дур будани бозорҳои фурӯш ва набудани техникаи кишоварзии муосир ба истифодаи пурраи имкониятҳо монеа эҷод кардаанд.

**Боғдорӣ.** Боғдорӣ шуғли асосии кишоварзони ноҳия буда дар таъмини аҳоли бо меваҳои тару тоза, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва бо кори доими таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосиро дорост. Обу ҳавои мусоиди ноҳия имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва зиёд намудани майдони он сол аз сол истеҳсоли меваро дар миқёси ноҳия зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҳои тару тоза пурра таъмин ва иқтидори содироти он зиёд карда шавад.

Ба 1-январи соли 2015 майдони боғҳо дар ноҳия 997 га расонида шудааст. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмони бахусус чубу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) тақозо мекунад, ки дар оянда боғдори дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо дар соли 2014 дар хоҷагиҳои ноҳия 15,5 га боғи нав бунёд карда шуд.

Барқарор намудани базаи моддию техникии боғпарварӣ (истифодаю нигоҳдории заҳрхимикатҳо, нигоҳдорию кашонидани меваҷот), барқарор намудани стансияҳои

муҳофизати растаниҳо ё таъмин намудани хоҷагиҳо ва аҳолӣ бо заҳрхимикатҳо вазифаҳои асосии соҳа мебошад.

*Ҷадвали №16. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои боғдорӣ дар солҳои 2012-2014*

| № | Намуди маҳсулот | ченак | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мева | тонна | 2861 | 1653 | 2510 |
| 2. | Ҳосилнокӣ | с/га | 38,5 | 46,5 | 64,2 |
| 3. | Ангур | тонна | 170 | 25 | 26 |
| 4. | Ҳосилнокӣ | с/га | 106,3 | 35 | 63,7 |
| 5. | Майдони боғҳо | га | 832 | 840 | 997 |

**Обтаъминкунӣ**. Рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати системаи обёрӣ вобаста мебошад. Бад шудани ҳолати милиоративии заминҳо дар ноҳия ба он оварда расонидааст, ки қисмати заминҳо аз гардиши кишоварзӣ берун монда, ҳосилнокии онҳоро кам намудааст. Майдони калони боғҳои ҷамоатҳои деҳоти Урметан ва Рарз хоса ба маблағгузорӣ ҷиҳати тармими системаи обёрӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар сурати обёрии 360 га заминҳои бекорхобида дар мавзеъҳои Хушекат (35га), дашти Ишкамбаи Кумарғи ҷамоати Айнӣ (80 га), сохтмони навбати дуюми канал ва хати об барои обёрии дашти Нарге, таъмири каналҳои Ревад-Ёвон, Дашти Устообид (150 га), Испенаи Ревад (600га) ва дашти Хаштаробути (200га) ҷамоати Урметан, Шифити Рарз (40га) дар ҷамоати Рарз, Искидарғи Дарғ (30га) дар ҷамоати Шамтуч, 15 гектар замини мавзеи дашти Похут, 50 гектар, дашти Сангистон, (беҳтар намудани таъминоти оби полезии 10 гектар заминҳои деҳаи Навдонак) заминҳои обии ноҳияро зиёд гардонида, боғҳои нав бунёд намудан мумкин аст. Ин дар навбати худ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло майдони 402 гектар заминҳои кишоварзии миқёси ноҳия бо насосҳои обкаш обёрӣ мешаванд.

**Чорводорӣ**. Чорводорӣ дар баробари дигар бахшҳо яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия мебошад. Дар соли 2014 ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 47 фоизро ташкил дод. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзӣ 60,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати соли 2013 - 12,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

*Диаграммаи №5 Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*



Бояд зикр намуд, ки сол аз сол саршумори чорво, аз ҷумла қутос, бузу гусфанд ва асп дар ҳамаи самтҳои хоҷагидори меафзояд. Ба ин иқлими созгор мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки 85,3 фоизи чорво ва 100 фоизи парранда ба хоҷагиҳои шахсӣ мансуб мебошад. Умуман хариду фуруши чорвои калони шохдор дар байни сокинони водии Зарафшон маъмул буд. Зиёд шудани саршумори чорво дар бахши хусусӣ, барҳам хӯрдани фермаҳои чорводорӣ, набудани имконияти зиёд кардани саршумори чорво ва истифодаи чарогоҳҳо аз монеаҳои рушди соҳаи чорводорӣ мебошад.

*Ҷадвали №17. Саршумори умумии чорво ва парранда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| № | Номгӯй | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбати 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Чорвои калон: | 25563 | 27918 | 29514 | 29541 | 115,5 |
| | Аз ҷумла қутосҳо | 950 | 960 | 966 | 935 | 98,4 |
| 2. | Бузу гусфанд | 105013 | 111833 | 119786 | 120440 | 114 |
| 3. | Аспҳо | 223 | 223 | 175 | 175 | 78,4 |
| 4. | Парранда | 18956 | 18956 | 18960 | 19075 | 100 |
| Ҳамагӣ | | 149755 | 158930 | 169401 | 169991 | 113,5 |

Бо мақсади афзун намудани маҳсулоти чорводорӣ, ба иқлими мусоиди ноҳия барои парвариши қутос дар асоси Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 дар ноҳия хоҷагиҳо ба парвариши қутос машғул мебошанд ва саршумори қутос дар ин хоҷагиҳо зиёд шуда истодааст.

***Хизматрасонии байторӣ***. Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе хизматрасонии босифати байтори ҷиҳати сари вақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан ғайри имкон аст. Дар ноҳияи Айнӣ ҳолатҳои алоҳидаи гирифтор шудани чорво ба касалиҳои сиёҳрон (эмкар қарасон), зардкасал (лептоспироз), ҳори бруселёз (буғумдард) ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, мушоҳида мерасад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва мушкил будани дастрас намудани он мебошад. Дар ноҳия дорухонаҳои бойтории шахсӣ ташкил шудааст.

Бинои идораи байтории ноҳия, ба таъмир ниёз дорад. Айнӣ ҳол, ташкил намудани клиникаҳои байтори (дар сатҳи ҷамоатҳо) бо назардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаи замонави мувофиқат мекунад.

Маблағгузории нокифоя ба соҳа, имконият намедиҳад, ки мушкилоти ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, хушзоткунии чорво, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми соҳаи байторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

*Ҷадвали №18. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2016-2020 (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Истеҳсоли ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷумла: | 128877 | 129099 | 131913 | 135651 | 137667 | 138654 | 139785 | 108,4 |
| Растанипарварӣ | 66805 | 67910 | 69388 | 77539 | 72914 | 72919 | 72201 | 108,0 |
| Чорводорӣ | 60072 | 61189 | 62525 | 64112 | 64753 | 65735 | 67584 | 112,5 |

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо ва бо назардошти бартараф намудани мушкилотҳое, ки дар соҳаи кишоварзии ноҳия мавҷуд аст, ба инкишофи соҳаи кишоварзӣ такони ҷиддӣ дода, ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар соли 2020 нисбати соли 2014, аз ҷумла картошка 110 %, гандум 109 % ва мева 116 % зиёд карда мешавад.

*Ҷадвали №19. Дурнамои ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва соҳаи чорводорӣ дар солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | Дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ҳосилнокии зироатҳо | | | | | | | |
| Ғалла-с/га Аз ҷумла | 22,8 | 23 | 23,5 | 25 | 26 | 28 | 29 |
| Гандум-с/га | 27,8 | 28 | 28,3 | 29 | 30 | 30,2 | 30,5 |
| Картошка-с/га | 246 | 250 | 255 | 260 | 265 | 270 | 273 |
| Сабзавот-с/га | 344 | 345 | 347 | 350 | 355 | 340 | 346 |
| Меваги- с/га | 37 | 37,5 | 38 | 39 | 40 | 42 | 43 |
| Ангур- с/га | 16,2 | 16,5 | 17 | 18 | 20 | 22 | 24 |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварӣ (тонна) | | | | | | | |
| Ғалла ҳ/т | 4115 | 4140 | 4265 | 4550 | 4758 | 4760 | 4765 |
| Аз ҷумла гандум | 2002 | 2044 | 2109 | 2175 | 2280 | 2292 | 2294 |
| Картошка | 11942 | 12250 | 12622 | 13000 | 13115 | 13242 | 13254 |
| Сабзавот | 3947 | 4030 | 4073 | 4160 | 4248 | 4268 | 4269 |
| Мева | 2510 | 2531 | 2585 | 2632 | 2700 | 2810 | 2815 |
| Ангур | 26 | 26,5 | 27 | 30 | 34 | 36 | 37 |
| Саршумори чорво | | | | | | | |
| Моли калони шохдор | 29541 | 29837 | 30175 | 30512 | 30838 | 30941 | 30946 |
| Аз ҷумла модагов | 17060 | 17100 | 17252 | 17301 | 17347 | 17356 | 17361 |
| Гусфанд ва буз | 120440 | 121144 | 121917 | 127699 | 123502 | 123604 | 123708 |

### 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

**Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Барои рушди ноҳияи Айнӣ соҳибкории хурду миёна захираи азим ба ҳисоб меравад. Дар ноҳияи Айнӣ бахши СХМ асосан тавассути истеҳсолоти саноатӣ, хариду фурӯш, савдои чакана, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайраҳо рушд намуда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Айнӣ аз инкишофи соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд минбаъд низ соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳияи Айнӣ шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, то 31.12.2014 бо назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷамоавию инфиродӣ ҳамагӣ 1310 ададро (аз ҷумла 269 шахси ҳуқуқӣ ва 1041 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст.

*Ҷадвали №20. Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳо | Шумораи субъектҳои бақайгирифташуда | | Шуғл | |
|---|---|---|---|---|
| | Шахси ҳуқукӣ | Шахси воқеӣ | Шумораи ҷои корӣ | Ҳисса дар шуғли умумӣ |
| Кишоварзӣ | 38 | 475 | 1710 | 16,3 |
| Нақлиёт ва алоқа | 8 | 74 | 970 | 9,2 |
| Хизматрасонӣ ва савдо | 30 | 385 | 1250 | 12,0 |
| Сохтмон | 10 | 0 | 678 | 6,5 |
| Хизматрасонии қарзӣ | 8 | 0 | 200 | 2,0 |
| Саноат | 4 | 0 | 5692 | 54,2 |
| Ҳамагӣ | 101 | 934 | 10500 | 100 |

Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро Айнӣ ҳол дар субъектҳои мазкур 863 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 459 нафар

буданд, ки 60 нафари онро (ё 13,1%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 582 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айнӣ замон, дар ноҳияи Айнӣ 55 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (ҷамъ 38 субъект), хизматрасонии қарзӣ (ҷамъ 8 субъект), саноат (ҷамъ 4 субъект) ва нақлиёту алоқа (ҷамъ 8 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда, мутаносибан 14,1%, 2,9%, 1,4% ва 2,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар самти воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 30057,4 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 85,7 фоизи қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди соҳаи энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истихроҷ ва коркарди маъдан, тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, туризми кӯҳӣ барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 85,7 фоизро ташкил дод.

*Ҷадвали №21. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 704,0 | 723,3 | 942,7 | 2370,0 |
| Саноат | 24689,6 | 25971,5 | 25502,1 | 76163,2 |
| Сохтмон | 183,1 | 94,4 | 256,3 | 533,8 |
| Савдо | 7,2 | 54,8 | 65,6 | 127,6 |
| Нақлиёт ва алоқа | 146,9 | 233,0 | 674,9 | 1054,8 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 10800,0 | 14908,0 | 24607,4 | 50315,4 |
| Ҳамагӣ: | 36530,8 | 41985,0 | 52049,0 | 130564,8 |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 2370,0 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 76163,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 127,6 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 533,8 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оид ба бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ,

норасогии воситаҳои озоди молиявии гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон костащудааст ва ё баъзеашон аз фаъолият бозмондаанд.

*Ҷадвали №22. Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар давраи солҳои 2012-2014*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | | Соли 2013 | | Соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 28 | 126 | 32 | 227 | 38 | 475 |
| Саноат | 4 | - | 4 | - | 4 | - |
| Сохтмон | 8 | 1 | 10 | 1 | 10 | - |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 43 | 6 | 49 | 8 | 74 |
| Савдо | 2 | 295 | 22 | 335 | 30 | 385 |
| Хизматрасонӣ | - | - | - | - | - | 104 |
| Хизмати молиявӣ | 5 | - | 5 | - | 8 | 0 |
| Дигар сохторҳо | 169 | - | 170 | - | 179 | - |
| Ҷамъ: | 220 | 465 | 249 | 277 | 269 | 1038 |
| Дар якҷоягӣ | 685 | | 861 | | 1315 | |

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазамаст.

Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъ гардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 20 субъекти соҳибкори ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, 2 адад соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ кардааст.

**Мусоидат барои рушди соҳибкории хурду миёна.** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Дар ноҳия филиалҳои ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Ориёнбонк», Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк», ҶСНП «Тоҷпромбонк», «Тоҷиксодиротбонк», бонки Эсхата, Бонки рушди Тоҷикистон, Фононбонк, фаъолият доранд. Дар баробари ин ФХҶ «Рушди водии Зарафшон» низ ба амалиётҳои бонки машғул мебошанд.

Фаъолияти бонкҳои ноҳия ба талаботи дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзи ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудаанд. Бояд қайд кард, ки аз сабаби баланд будани фоизи қарзи бонкҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани онҳо дар соли 2014 ҳаҷми қарзи гирифтаи соҳибкорон аз бонкҳо нисбати ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ коҳиш ёфтааст.

Мушкилоти дигаре, ки монеаи рушди соҳибкорӣ мегардад, ин набудани дастгирии машваратӣ оид ба ташкил ва амали намудани фаъолияти самараноки соҳибкори мебошад. Барои рушди соҳибкорӣ иқдоми зеринро амалӣ намудан лозим аст, аз ҷумла тавассути фонди қарздиҳӣ додани қарзҳои хурди имтиёзнок ҷиҳати инкишофи соҳибкорӣ, муҳайё намудани шароит барои ҳавасмандгардонии додани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, ҷалби сармоягузорони эҳтимоли барои ворид намудани технологияи замонавӣ, ташкили сохтори дастгирии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ташкили шароити созгори инвеститсионӣ барои таъсиси корхонаҳои муштарак ва ташкили ассотсиатсияҳои дастгирии соҳибкорон.

*Ҷадвали №23. Қарздиҳӣ ба субектҳои соҳибкорӣ дар соли 2014 (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Бонкҳо | Ташкилоти қарздиҳии хурд | |
|---|---|---|---|
| | | Маблағ | Қарзи ба занҳо додашуда |
| Кишоварзӣ | 1354,0 | 1652,6 | 1562,0 |
| Сохтмон | 1235,0 | 1345,0 | - |
| Нақлиёт | 1121,0 | 660,3 | - |
| Хизматрасонӣ | 1532,0 | 1528,6 | 958,4 |
| Дигар соҳаҳо | 1528,0 | 1324,5 | 1273,9 |
| Ҳамагӣ: | 6770,0 | 6511,0 | 3794,3 |

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳод гардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ мебошад, ки ин барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва кӯҳӣ будани ноҳияи Айнӣ рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони МРМ (ГСМ), баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

*Ҷадвали №24. Дурнамои рушди соҳибкории хурду миёна дар солҳои 2014-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи муассисаҳои дорои то 15 ҷой корӣ (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ) | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 100 |
| Шумораи муассисаҳои дорои то 50 ҷой кор (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ) | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 мар |
| Шумораи муассисаҳои амалкунандаи дорои то 15 ҷои корӣ | 1 | 1 | 1 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 мар |
| Шумораи муассисаҳои дорои то 50 ҷои кор | 1 | 1 | 1 | 2 | 3 | 3 | 3 | 3 мар |
| Шумораи машғулбудагон | 62 | 68 | 68 | 73 | 79 | 82 | 86 | 127,4 |
| Даромад аз фурӯш ҳазор сомонӣ | 500,0 | 560,0 | 571,0 | 583,0 | 600,0 | 620,0 | 632,0 | 126, |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ | 930 | 941 | 952 | 970 | 990 | 1000 | 1105 | 118 |
| Фаъолият бо шаҳодатнома | 466 | 469 | 473 | 487 | 498 | 502 | 588 | 126 |
| Фаъолият бо патент | 464 | 472 | 479 | 483 | 492 | 498 | 517 | 111 |

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Рушди соҳаи маориф дар ҷараёни инкишофи ҷомеа ва барои расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар ҳамин замина баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор маҳсуб ёфта, ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши системаи маорифро дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти сазоворро тақозо менамояд.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Таркиби аҳолии ноҳия мутобиқи нишондиҳандаи маълумотнокӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2014 табақаҳои зеринро дар бар мегирад:

- аҳолии дорои маълумоти олӣ 3989 нафар;
- аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ 9974 нафар;
- аҳолии дорои маълумоти ибтидоии касбӣ 12468 нафар;
- аҳолии дорои маълумоти миёнаи умумӣ 10473 нафар;
- аҳолии дорои маълумоти миёнаи асосӣ 7480 нафар;
- аҳолии дорои маълумоти ибтидоӣ 4987 нафар;
- аҳолии дараҷаи бемаълумот 498 нафар.

*Диаграммаи № 7. Дараҷаи маълумотнокии аҳолии ноҳияи Айнӣ ба ҳолати 31.12.2014*




Амалӣ гаштани Барномаи рушди ноҳия дар робита ба соҳаи маориф барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерин равона мегардад:

- таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таъмиру тармим намудани шабакаҳои гармидиҳӣ ва обу коррезӣ, бунёди гӯшаҳои санитарию беҳдоштии алоҳида барои духтарону писарон;
- бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин намудани тамоми хонандагон;
- бунёди муассисаҳои таълимии нави замонавӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва дар заминаи мактабҳои мавҷуда сохтани иншоотҳои иловагии ба фаъолияти мактабҳо алоқаманд;
- ба роҳ мондани низоми иштироки ҷомеа, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар идоракунии мактабҳо тавассути таъсис додани ассотсиатсияҳои падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва масъулияти онҳо дар тарбияи фарзанд, таъмини шаффофияти истифодаи маблағҳои ҷудогардида.

**Таҳсилоти томактабӣ.** Дар ноҳияи Айнӣ 4 адад муассисаҳои томактабӣ фаъолият дорад, ки 2 адад дар маркази ноҳия ва 2 адад дар шаҳраки Зарафшон ҷойгир шудааст. Муассисаҳои мазкур ҳамагӣ 500 ҷойи нишаст дорад. Дар ноҳия соли 2014 шумораи умумии кӯдакони синни томактаби 13148 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо ҳамагӣ 379 нафар ё 2,9 фоиз ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳоло бошад дар муассисаҳои томактабии ноҳия ба таълиму тарбияи кӯдакон 17 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ сафарбар карда шудаанд.

Мушкилоти асосии ин дар маркази ҷамоатҳо ва деҳаҳои нисбатан калони ноҳия мавҷуд набудани муассисаҳои томактабӣ мебошад, ки ин ба сатҳи таълиму тарбияи насли наврас ва ба шуғл фарогирифтани модарони онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

*Ҷадвали №25. Иштирок дар муассисаҳои томактабӣ дар тӯли солҳои 2012-2014*

| № | | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | ҳамагӣ | Писарон | Духтарон |
| 1. | Боғчаи№1 | 113 | 63 | 50 | 108 | 60 | 48 | 140 | 85 | 55 |
| 2. | Боғчаи№2 | 44 | 24 | 20 | 40 | 19 | 21 | 50 | 24 | 26 |
| 3. | Боғчаи№3 | 96 | 46 | 50 | 103 | 60 | 43 | 113 | 54 | 59 |
| 4. | Боғчаи№4 | 67 | 40 | 27 | 84 | 46 | 38 | 76 | 42 | 34 |
| Ҳамагӣ: | | 320 | 173 | 147 | 335 | 185 | 150 | 379 | 205 | 174 |

Дар доираи иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон, таъмирталаб будани муассисаҳои томактабӣ, аз кор боз мондани шабакаи гармидиҳӣ, таъмиру тармим нагаштани воситаҳои таҳвили обу ташноб, нарасидани воситаҳои таълимӣ, инчунин нарасидани асбобу аёниятҳои таълимӣ ва мебел вобастагӣ дорад. Дар мавриди ҳозира боғчаҳои кӯдаконаи №№ 1 ва 3 ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Бинобар корношоям гаштани шабакаи гармидиҳӣ дар мавсими сардӣ биноҳои муассисаҳои томактабӣ тариқи оташдонҳо (печҳои аловӣ) бо гармӣ таъмин карда мешавад, ки аз лиҳози бехатарӣ манфӣ арзёбӣ карда мешавад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани дастгирии молиявӣ дар самти гузаронидани таъмири ҷории муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори ноҳиявӣ (ба сифати сарпарастон), ташкилотҳои мухталифи хориҷӣ кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида намемешавад. Дар ҳамин хусус, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи мазкурро дар фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши хусусӣ дар соҳаи мазкур дидан мумкин аст. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ягон кӯдакистони хусусӣ фаъолият намекунад. Вале баъзе аз соҳибкорони маҳаллӣ тасмим гирифтаанд, ки минбаъд дар марказҳои ҷамоатҳо ноҳия сохтмони кӯдакистони хусусиро ба роҳ монанд, ки ин ба муҳити рақобати софдилона ва табиӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Таҳсилоти миёна**. Дар ноҳия 66 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз он 49 муассисаи таҳсилоти миёна, 17 асосӣ, 4 ибтидоӣ амал мекунанд. Дар соли таҳсили 2014-2015 дар муассисаҳои таҳсилоти ноҳия 16540 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст, ки ин нисбати соли таҳсили 2013-2014 – 80 нафар хонанда кам мебошад. Сабаби асосии кам шудани шумораи хонандагон ин пеш аз ҳама ба дигар минтақа муҳоҷир шудани аҳолӣ вобаста мебошад.

*Ҷадвали №26. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| Соли таҳсил | 2011-2012 | | | | 2012-2013 | | | | 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| синфҳо | ҳамагӣ | Писар | духтар | %духтар | ҳамагӣ | писар | духтар | % духтар | ҳамагӣ | писар | духтар | % духтар |
| Синфҳои 1-4 | 6637 | 3358 | 3279 | 49,4 | 6731 | 3413 | 3318 | 49,2 | 6581 | 3290 | 3291 | 50,0 |
| Синфҳои 5-9 | 7201 | 3647 | 3554 | 49,3 | 7288 | 3647 | 3641 | 49,9 | 7531 | 3789 | 3742 | 49,6 |
| Синфҳои 10-11 | 2611 | 1348 | 1263 | 48,3 | 2627 | 1317 | 1310 | 49,8 | 2454 | 1254 | 1200 | 48,8 |
| Ҳамагӣ: | 16449 | 8373 | 8096 | 49,2 | 16646 | 8377 | 8269 | 49,6 | 16566 | 8333 | 8233 | 49,6 |

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Айнӣ ба 31.12.2014 -5 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 3 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 1 нафар духтарон) дар муассисаи таълимӣ ба таълим фаро гирифта шуда ва 3 нафари боқимонда ба таълими хонагӣ инфиродӣ (инклюзивӣ) дар муассисаи таълимии №1,32 ба таълим фаро гирифта шудааст.

Дар мактабҳои ноҳия дар соли хониши 2014-2015 - 1575 нафар омӯзгорон машғули таълиму тарбия мебошанд, ки аз ин шумора 390 нафарро занҳо ё 29 фоиз мебошанд. Аз ин шумора 73 фоиз омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ мебошанд.

*Ҷадвали №27. Шумораи умумии муаллимон дар солҳои 2012-2014(нафар)*

| № | Нишондиҳанаҳо | 2011-2012 | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи умумӣ | 1560 | 1584 | 1575 | 1588 |
| 2. | Аз ҷумла занҳо | 388 | 405 | 416 | 423 |
| 3. | Маълумоти олӣ | 1140 | 1182 | 1195 | 1217 |
| 4. | Аз ҷумла занҳо | 183 | 205 | 212 | 214 |
| 5. | Олии нопурра | 68 | 82 | 84 | 73 |
| 6. | Аз ҷумла занҳо | 40 | 38 | 54 | 39 |
| 7. | Миёнаи махсус | 332 | 301 | 276 | 294 |
| 8. | Аз ҷумла занҳо | 156 | 150 | 139 | 139 |
| 9. | Маълумоти миёна | 20 | 19 | 20 | 1 |
| 10. | Аз ҷумла занҳо | 9 | 12 | 11 | - |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 177 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

Дар доираи ташкил гардидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар давоми солҳои хониши 2013-2014 мутобиқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 100% омӯзгорон ва ё зиёда аз 304 нафари онҳо таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намуданд ва 2014-2015 мутобиқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 114,4% омӯзгорон ва ё зиёда аз 264 нафари онҳо таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намуданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия омӯзгорони маълумоти олидор аз фаннҳои забон ва адабиёт, англисӣ, химия, забони русӣ, физика, математика, биология, технологияи информатсионӣ намерасанд. Нарасидани кадрҳои омузгории маълумоти олидор дар мактабҳои №35 деҳаи Марзич, №22 деҳаи Анзоб, №28 деҳаи Махшевад, мактабҳои асосии Пете, Кумарғ, Вота, Вашан, Утоғар ба назар мерасад. Мушкилоти дигар ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани 12 адад мактабҳои ноҳия ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани 5 мактаби миқёсӣ ноҳия мебошад. Мушкилоти дигари соҳаи маорифи ноҳия ин нарасидани китобҳои дарсӣ ва куҳнаю ғайриистифода будани онҳо мебошад, ки ин мушкилот дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ноҳия мавҷуд аст.

Айни замон дар ноҳияи Айнӣ 70 (аз ин миқдор 4 адад дар муассисаи томактабӣ) Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон (АВО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии

ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф марбут аст.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Дар ноҳияи Айнӣ дар хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо таҳсил бурда намешавад. Таъмири ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва 4 кӯдакистони дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуд.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол афзоиш меёбад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ дар деҳаҳои Зеробод, Пасруд, Куруд, Мадм, Дашти Ҳаштсар ва Ревад ба миён омадааст, ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд. Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар руҳияи баланд тарбия намудани кадрҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 14 адад толорҳои варзишӣ ва 66 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст.

**Компютеркунонии мактабҳо.** Ба 31.12.2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 63 синфи компютерӣ ташкил кардашуда дар онҳо 522 адад компютер, 133 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 13 нафар хонанда рост меояд. Айни замон, “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 51 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ба миён омадааст.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Бо сабаби солҳои дароз мавриди истифода гардидани қубурҳои обгузар дар мактабҳои ҳудуди ноҳия таъминоти номуназзам бо оби нӯшокӣ мушоҳида мешавад. Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Бинобар кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда, мактабҳои ноҳия аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд.

**Маблағгузории соҳа.** Бо ин мақсад аз ҳисоби буҷети ноҳия дар соли 2012- 11,6 млн. сомонӣ, соли 2013- 18,6 млн. сомонӣ, соли 2014 – 23,5 млн сомонӣ ва соли 2015 – 23,8 млн. сомонӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 ба миқдори 23,5 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 4,9 млн. сомонӣ ё 26,3 фоиз зиёд мебошад. Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир афзоиш ёфта бошад ҳам, вале, барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа ин нокифоя аст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Бинобар ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар соли 2013-2014 - **369** нафар довталабони ноҳия тавассути Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 832 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ, дохил шуданд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2011-2014 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 25 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо) таҳсил менамоянд.

**Дурнамо**. Аз рӯи дурнамо шумораи аҳолии ноҳия соли 2020 нисбати соли 2014 - 13,0 ҳазор нафар меафзояд.

*Ҷадвали №28. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии соҳаи маорифи ноҳия дар солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | с2020н с2014% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактаби (нафар) | 379 | 390 | 400 | 410 | 420 | 432 | 438 | 115 |
| Шумораи кӯдакони сини томактабӣ | 13148 | 13498 | 13500 | 13550 | 13600 | 13800 | 14000 | 106 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 1561 | 1580 | 1590 | 1620 | 1650 | 1670 | 1678 | 107 |
| Миқдори ҷой дар муассисаҳои томактабӣ (зан) | 500 | 510 | 515 | 540 | 560 | 570 | 590 | 118 |
| Шумораи талабагон дар МТУ ҳамагӣ | 16540 | 16660 | 16690 | 16700 | 17000 | 17500 | 18000 | 108 |
| Аз онҳо дар мактабҳои рӯзона | 16540 | 16660 | 16690 | 16700 | 17000 | 17500 | 18000 | 108 |
| Шумораи хонандагон дар басти якуми МТУ-и рӯзона (нафар) | 10070 | 10500 | 10600 | 10700 | 10800 | 10900 | 11000 | 109 |
| Шумораи омӯзгорон дар МТУ (нафар) | 1588 | 1590 | 1598 | 1600 | 1620 | 1630 | 1640 | 103 |
| Шумораи МТУ ба 1000 талаба ҷой) | 1614,2 | 1666,7 | 1670,2 | 1685,2 | 1696,1 | 1700,2 | 1700,5 | 105 |

Мутобиқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012 – 2014 мутобиқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 59 нафар дохил шуданд, ки 29 нафар писар ва 30 нафарашон духтарон мебошанд.

**Таълими миёнаи махсус**. Дар ноҳия литсейи касбӣ техникии №53, ки дар шаҳраки Зарафшон -2 воқеъ мебошад, фаъолият дорад. Дар соли хониши 2014-2015 - 220 нафар (65 нафар духтарон) донишҷӯён дар омӯзишгоҳ ба таҳсил фаро гирифтаанд. Ба онҳо 23 нафар омӯзгорон аз ҷумла, 3 нафар занҳо (13%) 6 нафар устодони касбӣ таълим медиҳанд, ки аз он 18 нафар дорои маълумоти олӣ, 5 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошанд. Дар омӯзишгоҳ 14 гуруҳ аз рӯи ихтисосҳои ронандаи автомобилии категорияи «С» хазинадорӣ, ҳисобчӣ, барқчӣ, челонгар, дӯзанда, ронандаи трактор таълим мегиранд. Бинои омӯзишгоҳ 40 сол қалб сохта шуда ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад. Системаи гармидиҳиаш фарсуда шуда корношоям мебошад. Дар фасли зимистон як қисм синфхонаҳо бо печкаҳои электрики гарм карда мешаванд. Дар омӯзишгоҳ ҳаммом вуҷуд надорад. Инчунин базаи моддi техникӣ коста гардида аст. Аз 4 адад техникаҳои мавҷуда 1 адад автамашинаи «Нива 2121» ва як адад автомашинаи тамғаи «ГАЗ- 53» дар ҳолати кори қарор дорад.

*Ҷадвали №29. Шумораи умумии хатмкунандагони МКТ-53 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2012-2013 | 2013-2014 |
|---|---|---|
| Шумораи умумии толибилмон | 189 | 220 |
| Аз ҷумла, духтарон | 18 | 33 |

Теъдоди китобҳои дарсӣ барои таълим нокифоя ва воситаҳои таълимӣ намерасад, ки сабаби сол то сол кам шудани шумораи донишҷӯён гардидааст. Дар ноҳия мактаби олӣ вуҷуд надорад.

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

**Ҳолати умумӣ.** Бахши тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб мегардад. Шумораи аҳолии ноҳияи Айнӣ ба ҳолати 31.12.2014 зиёда аз 76797

нафарро ташкил медиҳад. Ба аҳолии ноҳия импрӯз Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, МНДСЭ хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар Маркази саломатии ноҳия Маркази репродуктивӣ фаъолият мекунад, ки барои солим таваллуд намудани фарзандон ва беҳ намудани сатҳи репродуктивии занони ноҳияи Айнӣ вазифадор мебошад.

**Солимии модарон.** Беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гурӯҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии ноҳия алоқаманд мебошад.

Тайи солҳои охир миқдори таваллуд дар хона пайваста коҳиш ёфта истодааст, ки чунин ҳолат аз фаъол гаштани муассисаҳои тиббӣ ва амалӣ гаштани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дарак медиҳад.

*Ҷадвали №30. Таваллуд ва фавти модарон*
*дар ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 2159 | 2114 | 2202 | 2131 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1947 | 2004 | 2062 | 2070 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 90,1 | 94,7 | 93,6 | 97,1 |
| Таваллуд дар хона | 212 | 161 | 140 | 89 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 9,8 | 7,6 | 6,3 | 4,2 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | 41,2 | - | 91,7 | 96,6 |

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагениталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад. Дар ноҳияи Айнӣ ба ҳолати 31.12.2014 занҳои қобили таваллуд 20020 нафарро ташкил доданд. Шумораи таваллуд дар соли 2014 ба 2131 нафар расид, ки нисбат ба соли 2011 ба миқдори 28 нафар кам мебошад.

*Ҷадвали №32. Камхунӣ ва норасоии йод*
*дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 18878 | 18878 | 20020 | 20020 |
| Камхунӣ | 1720 | 1611 | 1213 | 1091 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 9,1 | 8,5 | 6,0 | 5,4 |
| Гирифтори ҷоғар | 470 | 416 | 391 | 281 |
| Бо ҳисоби фоиз (%): | 2,5 | 2,2 | 1,9 | 1,4 |

Таҳлил нишон дод, ки дар давоми солҳои 2011, 2012, 2013 ва 2014 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам коҳиш ёфта истодааст. Сабаби асосии кам шудани бемориҳои камхуни миёни занҳои қобили таваллуд ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани табобат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад.

Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2014 Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Айнӣ ба 6296 нафар 31,4% занон маводҳои конторосептивӣ тақсим намудааст. Дар ҷамоатҳои деҳоти Айнӣ, Фондарё, Рарз ва Урметани ноҳия бо ҷалби кормандони саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омузишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда» барпо карда шуд. Бо мақсади беҳтар намудани иттилоотнокии аҳолӣ ба масъалаи гузошташуда, иштирокчиён бо адабиётҳои лозима («Ман медонам» ва «Интихоби ман») бо забони тоҷикӣ таъмин гардиданд.

Мутобиқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тиб мушкилии асосӣ дар самти хизматрасонӣ ба занони ҳомила дар он зоҳир мешавад, ки гарчанде бемориҳои экстрогениталӣ миёни занон саривақт дарёфт карда шавад ҳам, вале бо сабабҳои бистарӣ нашудан ва саривақт ба қабули духтурон наомадани занони ҳомила иртибот дорад. Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳия ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

*Ҷадвали №33. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 11 | 6 | 9 | 8 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 25,9 | 22,2 | 22,2 | 22,5 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 45 | 41 | 40 | 40 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 20,8 | 19,0 | 18,1 | 18,1 |

Сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакон ин рушди тибби оилавӣ ва баланд гардидани хизматрасонӣ дар самти саривақт табобат намудани занони ҳомила ва кӯдакони онҳо ба ҳисоб меравад.

***Мушкилоти асосии маркази солимии репродуктивии ноҳияи Айнӣ:***

- мавҷуд набудани шикафи таъмизгардонӣ (сухожаренное шкаф);
- мавҷуд набудани дастгоҳи ултрасадоӣ;
- гузаронидани таъмири капиталии бинои марказ;
- куҳнаю фарсуда шудани таҷҳизотҳои марказ;
- нарасидани кадрҳои баландихтисос дар марказҳо ва хонаҳои саломатии минтақавӣ, инчунин бунёд намудани хуҷраҳои репродуктивие, ки дастрас ба занҳои дурдасти деҳот мебошад;
- мавҷуд набудани ташхисгоҳ барои муайян намудани бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда;
- набудани нақлиёти махсусгардонидашуда барои назорати антинаталӣ ва тақсими маводҳои контросептивӣ ба ноҳияҳои Айнӣ, Куҳистони Мастчоҳ ва Панҷакент.

**Бемориҳои сироятӣ.** Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳияи Айнӣ аз пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ иборат мебошад

Дар ноҳия ҳамасола дар доираи амалӣ намудани “Барномаи миллии барҳамдиҳии бемориҳои гелминтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 2015” ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирмгардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои албендазол гузаронида мешавад.

Оид ба мубориза бар зидди бемориҳои вараҷа дар ноҳия Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида ҳамаи бемоҳиҳое, ки бо таби баланд ба беморхона муроҷиат намуданд, аз ташхис гузаронида, чораҳои амалӣ андешида шудааст. Дар доираи “Дастурамал оид ба эпидемалогия, нишонаҳо, ташхиси озмоишгоҳи, табобат ва пешгирии лейшманиозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар якҷояги бо Ташкилоти байналмиллалии “Духтурон бидуни марз-Ҳолланд” дар ноҳия нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ба таври ройгон беморон ташхис ва табобат карда шудааст.

*Ҷадвали №34. Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2011-2014*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 21 | 24 | 29 | 30 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 27,3 | 31,2 | 37,7 | 39,1 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 6 | 11 | 5 | 8 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 7,8 | 14,3 | 6,5 | 10,4 |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 131 | 142 | 48 | 154 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 170,5 | 184,9 | 62,5 | 200,5 |
| Гелминтоз | 116 | 86 | 96 | 226 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 151,0 | 111,9 | 125,0 | 294,0 |
| Лейшманиоз | - | - | 5 | 4 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | - | - | 6,5 | 5,2 |
| Бемории ВНМО | 1 | 6 | 4 | 5 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 1,3 | 7,8 | 5,2 | 6,5 |
| Бруселез | - | 2 | 2 | 12 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | - | 2,6 | 2,6 | 15,6 |

Дар баробари ин, гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба 1 нафар зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқуъ пайвастааст.

Дар давоми соли 2014 бемории домана дар ноҳия пурра аз байн рафтааст, ки ба ин безараргадонии оби нӯшокӣ ва баланд гардидани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, мунтазам гузаронидани корҳои профилактикӣ ва санатираию беҳдоштӣ, инчунин тадбирҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ аз ҷониби Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим боис гардидааст.

Дар давоми солҳои 2012-2014 ба муассисаҳои тандурустии ноҳия қисман таҷҳизоти тиббӣ ворид карда шуд, ки андаке заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид.

Дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид тӯли солҳои 2011-2012 бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа амалӣ мегардад. Мақсади асосии лоиҳа ин пешгирии паҳншавии бемории сил, ошкор кардани беморон ва назорати табобати беморони ДОТС маҳсуб ёфта, дар ин самт дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аломатҳои бемории сил, роҳҳои пешгирӣ ва тарзи табобати он ба анҷом расонида шуд. Дар ин давра, беш аз 11000-нафар аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба омӯзишҳои саҳроӣ фаро гирифта шуданд.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳия бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

*Ҷадвали №36. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Айнӣ*

| | | |
|---|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | 49 |
| Маркази саломатии ноҳия | | 2 |
| Марказҳои саломатии деҳот | | 20 |
| Бунгоҳи саломатӣ | | 27 |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: | 8 |
| | Беморхонаи марказӣ барои 240 кат | 1 |
| | Беморхонаи рақамӣ барои 80кат | 1 |
| | Маркази репродуктивии занон | 1 |
| | Маркази тарзи ҳаёти солим | 1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон | 1 |
| | Маркази мубориза бар зиддикасалии сил | 1 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |
| Шуъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ | | 1 |

*Ҷадвали №37. Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандогни хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 303 | 185 | 43 | 51 | 24 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 61,0 | 14,2 | 16,8 | 6,9 |
| Хадамоти бистарӣ | 284 | 123 | 25 | 64 | 73 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 43,3 | 8,8 | 22,5 | 25,7 |

Бояд қайд кард, ки Айни замондар муассисаҳои тандурустии ноҳия нарасидани мутахассисони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад, аз ҷумла эҳёгар-1, озмоишгар-1, руҳшинос-2, рентгенолог-2, гуш, гулу ва бинӣ-1, пуст-1, сироятшинос-1, неонатолог-1, духтури кӯдакона -1, ҷарроҳи кӯдакона-1, осебшинос -1, нарколог-1 ва силшинос-2, духтури чашм -1.

**Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.** Дар ноҳия барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарордорад.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст. Аз ҷумла:

- набудани ҷомашӯйхона дар беморхонаи марказии ноҳия (БМН);
- набудани автоклави мутамарказонидашуда;
- набудани шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакона;
- набудани маблағ барои таъмири асосии беморхонаҳои минтақавию рақамӣ;
- мавҷуд набудани бинои бунгоҳи тиббии деҳаи Куруд, Пишанза ва дашти Ҳастсар,
- таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;
- пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;
- фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳии беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои рақамӣ;
- набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия, наҷот, рентгенӣ, флюрография, тамизкунанда, гастроскоп, кювез ва ғайра).

### 3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳияи Айнӣ 70 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст. Аз ин: 2 мактаби санъат дар марказ ва шаҳраки Зарафшон, ки онҳо дорои 382 хонанда (117 духтар) ва 43 омӯзгор, 29 муассисаи клубӣ, аз он 1 хонаи фарҳангӣ ноҳиявӣ, 3 хонаи фарҳанги деҳот ва 25

клубҳои деҳот 38 китобхонаҳои системаи марказонидашуда аз ҷумла 1 китобхонаи бачагона ва як адад бахши фаҳанг мебошад.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Айнӣ 195 нафарро ташкил дода, аз ин 48 нафар дорои маълумоти олӣ, 18 нафар дорои маълумоти олии ғайри соҳавӣ, 78 нафар дорои маълумоти миёнаи касби махсус ва 51 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд, ки аз ин 41 нафарашонро кормандони техникӣ ташкил медиҳанд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2011-2014 беш аз 4 нафар аз тарафи бахши фарҳанги ноҳияи Айнӣ, (оид ба коргардонӣ, корманди муассисаҳои клубӣ ва китобдории китобхонаҳои марказӣ) ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода барои такмили ихтисос равон карда шуд.

Дар Айни замонмуассисаҳои фарҳанги ноҳияи Айнӣ аз нарасидани мутахассисони баланд ихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баланд ихтисос 5 нафарро ташкил медиҳад.

**Инфрасохтори таърихию, маданӣ ва фароғати.** Ноҳияи Айнӣ таммадуни қадимаи таърихи ва фарҳанги дорад. Муҳимтарин ёдгории таърихи – ин қалъаи Муғ ва қалъаи Сарвода, Манори Варз ва зиёратгоҳҳо аз қабили Шайх Абдулқосими Гургони (д.Урметан), Шайх Муҳаммад Шамсиддини Табрезӣ (деҳаи Вешаб), Хоҷа Исҳоқ (д. Махшевад), Хоҷа Музлим (д. Дарғ) хона- музеи Туғрал мебошад.

Мушкилоти асосии соҳаи фарҳанги ноҳия аз набудани инфрасохтори замонавӣ, дар ҳолати садамавӣ қарор доштани иншооти маданию фарҳангӣ ва нарасидани мутахассисон иборат мебошад.

*Ҷадвали №38. Мушкилоти асосии инфрасохтори соҳаи фарҳангу фароғат*

| № | Шумораи муассиса | Шумораи муассиса | Шумораи кормандон | Шумораи хонандагон | Мушкилоти мавҷуда |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мактаби саъат | 2 | 28 | 378 | Норасоии омузгорон, эҳтиёҷ ба асбобҳои мусиқӣ-15 рубоби қашқари, 2 чанг, 3 рубоби афғонӣ, 10 дойра, 2 аккордеон ва ҷиҳози корӣ, 1 видеокамера 5 миз ва 25 курсӣ |
| 2. | Китобхонаҳо | 38 | 70 | 1548 | Ба рафҳои китоб, 15 миз, ва 60 курсӣ, китобҳои тозанашр ниёз доранд. |
| 3. | Клубҳои деҳот | 29 | 95 | - | Ба таъмири асоси ниёз доранд. |

### 3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди ноҳияи Айнӣ бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст. Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи Айнӣ ба ҳолати 31.12.2014 миқдори 76,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 42,8 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

**Шуғл.** Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар соли 2014 нисбати соли 2013 ҳамагӣ 101,2 фоиз афзуда, шумораи бекорон мувофиқи маълумоти расмӣ 5,2 фоиз зиёд шудааст.

Давоми соли 2014 аз ҷониби ҳамаи субъектҳои хоҷагидори ноҳия 1557 адад ҷойҳои нави кории доими ташкил карда шуд, ки аз ин 348 ҷой барои занон мебошад.

*Ҷадвали №39. Шумораи бекорон дар ноҳия (нафар) ба 01.01.2015*

| Нишондиҳандаҳо | солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 44520 | 45175 | 45760 |
| Бекорон (расман бақайдгирифташуда) | 594 | 727 | 866 |

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

Ба 31.12.2014 дар ноҳия 9 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 14 нафар маъюбони Чернобил ва 1730 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 695 нафарашон зан ва 1035 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд.

*Ҷадвали №40. Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2012-2014*

| Номгуи гуруҳи осебпазир | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Нафақахурон ҳамагӣ | 8149 | 8156 | 8037 |
| Аз ҷумла пиронсолон | 5609 | 5658 | 5655 |
| Маъюбон | 1211 | 1225 | 1046 |
| Бесаробонмондагон | 605 | 598 | 566 |
| Машғули кор | 338 | - | - |
| Кудакони маъюб | 665 | 621 | 683 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон дар микёси ноҳия кам шуда, ин нишондод дар соли 2014 ба 98,6 фоизи соли 2012 баробар мебошад.

Дар ноҳия дар соли 2014 - 8037 нафар нафақахурон ба қайд гирифта шудааст, ки маблағи як моҳаи пардохти нафақаи онҳо 1914,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми миёнаи нафақа дар ин давра 223 сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2013 - 44,6 сомонӣ ё 20 фоиз зиёд мебошад. Барои сифатнок ва сари вақт фароҳам овардани хизматрасони ба нафақахурон, маъюбони гуруҳҳои гуногун дар Раёсати ҳифзи иҷтимои мутахассисон ва таҷҳизоти корӣ намерасад.

**Муҳоҷирати беруна**. Муҳоҷирати меҳнати яке аз сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия мебошад. Дар соли 2014 - 6820 нафар (14,9%) аҳоли қобили меҳнати ноҳия дар муҳоҷирати меҳнати қарор дошт, ки аз он 96 нафарашон занҳо мебошанд. Ба ҳисоби миёна муҳоҷирон дар як моҳ 9,5 миллион сомонӣ тавассути бонкҳо маблағ ирсол намудаанд. Соли 2014 тавассути бонкҳо муҳоҷирони меҳнатӣ 578,2 млн. рубли русӣ ва 4265,4 ҳазор доллари ИМА фиристониданд.

*Ҷадвали №41. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат*

| Солҳо | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % аз қувваи қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2012 | 44520 | 7542 | 16,9 |
| 2013 | 45175 | 7665 | 17,0 |
| 2014 | 45760 | 6820 | 14,9 |

Мушкилоти асосӣ дар самти муҳоҷирати беруна ин пеш аз ҳама ба талаботи бозори корфармо ҷавобгуй набудани муҳоҷирон, надонистани қонунгузории меҳнати Федератсияи Россия ва надонистани забони русӣ мебошад

Бинобар ба вуқуъ пайвастани буҳрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд коҳиш

меёбад, ки ин равиш ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, буҳрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳо (санксияҳо) нисбати кишвари Россия, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия коҳиш меёбад.

**Муҳоҷирати дохилӣ**. Мавҷуд набудани қитъаҳои замин ва афзоиши солонаи аҳоли, зарурият пеш меорад, ки нақшаҳои мушаххас оид ба ҳалли проблемаи муҳоҷирати экзогени таҳия намояд.

Солҳои пештар то ин вақт 600 адад оила ба ноҳияи Зафаробод ва 140 адад ба ноҳияи Хуросон кучонида шудааст.

*Ҷадвали №42. Муҳоҷирати аҳолии ноҳия бо сабабҳои экзогенӣ*

| Солҳо | Миқдори оилаҳо | Нуқтаҳои аҳолинишине, ки дар зери таъсироти экзогени ҳастанд | Ҷойҳои кучонидашуда |
|---|---|---|---|
| 2012 | 10 | Деҳаи Ревади ҷамоати деҳоти Урметан | Шаҳраки Ревади ҷамоати деҳоти Урметан |
| 2013 | 16 | Деҳаи Пинён ҷамоати деҳоти Фондарё (11 нафар), деҳаи Фатмев (5нафар) | ноҳияи Зафаробод |
| 2014 | 15 | Деҳаи Вашани ҷамоати деҳоти Урметан | ноҳияи Ғончӣ |

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ва ҳадафҳои стратегии миллӣ андешидани чораҳои зерин аз ҷумла, ба танзим даровардани баҳисобгири ва мониторинги аҳолии муҳоҷиршаванда, муҳоҷирони меҳнати ва бекорон, кам кардани сатҳи бекории аҳолии қобили меҳнати бешуғл ба 24 фоиз то соли 2020 тавассути таъсиси 2512 ҷои нави кори ва зиёд намудани захираҳои меҳнатии ноҳия аз ҳисоби ҷалб шудани ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Айнӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 4402 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд. Танҳо дар соли 2014 бошад 1557 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар доираи“Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2012-2014” дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 300 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб, компютер, зардӯз, қаннод, омӯзиши забони русӣ ва ғайра) хатм намудаанд.

*Ҷадвали №43. Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 700 | 700 | 1000 | 1000 | 1145 | 1145 | 1557 | 1557 | 222 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 200 | 200 | 250 | 250 | 205 | 205 | 256 | 256 | 128 |
| Касбомузӣ | 50 | 50 | 50 | 50 | 100 | 100 | 100 | 100 | 200 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 100 | 100 | 150 | 150 | 480 | 480 | 694 | 694 | 6,9 |
| Кӯмакпулӣ барои бекорӣ | 50 | 50 | 50 | 50 | 70 | 70 | 85 | 85 | 170 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳамаи нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба миён омадааст.

**Сатҳи бекорӣ.** Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 48 % афзоиш ёфтааст, ки сабаби афзоиш ёфтани он ба қадри кофи таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ шумораи бекорон 772 нафарро ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд. Таи чор соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Айнӣ дар тӯли солҳои 2011 – 2014" беш аз 1322 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Шумораи умумии бекороне, ки дар солҳои 2014-2015 аз қарзҳои бефоизи дар гардишбуда истифода намудаанд 43 нафарро ташкил дода, аз ин шумора дар солҳои 2011 ба 23 нафар ба маблағи 29,0 сомонӣ, 2012 ба 27 нафар ба маблағи 37,0 сомонӣ, 2013 ба 30 нафар 48,0 сомонӣ ва соли 2014 ба 38 нафар ба маблағи 52,0 сомони дода шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 166,0 сомонӣ баробар аст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 1 нафар ба маблағи 3,0 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест. Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад тибқи пешгуӣ то соли 2020 ташкили 5470 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- ❖ рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайри расмӣ;
- ❖ сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;

- ❖ сари вақт ба кор таъмин нагардидани ноҳиявандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.
- ❖ сари вақт пешниҳод накардани шумораи ҷойҳои нави корӣ ба шуъбаи Агентӣ аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои хурду калони хусусӣ.

Хароҷоти буҷети ноҳияи Айнӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 150 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Ҷадвали №44. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | Соли 2013 дар муқоиса бо соли 2014 бо% |
|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 1254,6 | 1437 | 114,5 |
| Кишоварзӣ | 181,7 | 208 | 114,8 |
| Сохтмон | 819,4 | 614 | 75,0 |
| Савдо | 198,1 | 348 | 174,0 |
| Нақлиёт ва алоқа | 328,1 | 362 | 110,3 |
| Молия ва банк | 914,8 | 1073 | 117,3 |
| Ташкилотҳои буҷетӣ | 556,1 | 676 | 121,5 |
| Маориф | 392 | 477 | 121,7 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 438,8 | 529 | 120,5 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда аст, ки даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи пешбининамудаи Кодекси меҳнатро риоя намекунанд.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**Соҳаи сайёҳӣ.** Рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Айнӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок дарояндаи наздик маҳсуб меёбад. Мавзеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ландшафти зебои кӯҳӣ, табиати дилпазир, мавҷудияти дарёчаҳои шӯху чашмаҳои мусаффо, кӯлҳои дилфиребу ҷаззоби Искандаркӯл, Кӯли Аловиддин, Кӯли Морон ва Панҷчашма, зиёратгоҳҳои тамаддуни динию таърихӣ, қалъаҳои Муғ, Сарвода ва Мадм, манораҳои таърихӣ, хона музейи мутафаккири барҷастаи шеъри форсу тоҷик Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ ва мавҷудияти инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: майдонҳои варзишӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои замонавӣ метавонад дар рушди минбаъдаи ноҳияи

Айнӣ ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Дар ҳамин хусус, рушди соҳаи туризм барои паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад ва барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ тариқи пардохти андозҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи татбиқ гаштани «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» то соли 2017 дар ноҳияи Айнӣ ба анҷом расонидани як қатор корҳои муҳим ҷиҳати: баргузор намудани Конфронси туристӣ таҳти унвони «Марҳамат ба мавзеи Зарафшон», таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ барои таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба бунёд ва беҳсозии инфрасохтори туризм, истеҳсол ва пахши маводҳои таблиғотӣ-иттилоотӣ оид ба мавзеҳои тамошобоби ноҳия, таҳия ва паҳннамоии DVD роликҳои туристӣ миёни сайёҳони хориҷию дохилӣ ва таҳия, нашр ва тавсеаи роҳнамоҳо, нақшаҳои хатсайрҳо, маҷаллаҳо, харитаҳо ва маълумотномаҳои туристӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст. Дар баробари ин, барои рушди варзиши кӯҳӣ, алпинизим, велотурҳо, экотуризм дар ноҳияи Айнӣ имконоти хеле зиёд мавҷуд мебошад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, №278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳияи Айнӣ нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа мушаххасан тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудааст.

Ҳоло дар ноҳия 1 адад варзишгоҳ, 2 адад майдончаи баскетбол, 12 адад майдончаҳои волейбол, 11 адад майдончаи футбол, 16 адад толорҳои варзиши дар назди мактабҳо, 1 толори бокс мавҷуд буда ба ҳаводорони варзиш ва мардум барои истифода пешкаш гардидааст. Вале бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ, инфрасохтори кунунии ноҳия нокифоя буда бунёди муассисаҳои варзишӣ ва иншоотҳои нав хеле зарур мебошад.

Дар ноҳия 1 адад мактаби варзишии кӯдакону наврасон фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 11 нафар мураббиён аз рӯи 5 намуди варзиш: футбол, волейбол, варзиши сабук, гуштини тарзи самбо ва озод, инчунин шоҳмот ба 210 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Дастовардони варзишгарони ноҳия бештар аз намудҳои футбол ва варзиши сабук ба назар мерасад. Аз шумораи умумии мураббиён ягон нафар мураббии дараҷаи 1 ва номзади устодони варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд.

*Ҷадвали №45. Иштироки варзишгарони ноҳия*
*дар мусобиқаҳо дар солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Ҷумҳуриявӣ | Байналмилалӣ | Бозиҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сатҳи ноҳиявӣ) | Ҷаҳонӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2011 | 0 | 0 | 6 | - | 6 |
| 2 | 2012 | 0 | 0 | 2 | 0 | 2 |
| 3 | 2013 | 0 | 0 | 2 | 0 | 2 |
| 4 | 2014 | 0 | 0 | 5 | 0 | 5 |
| Ҳамагӣ | | | | 15 | | 15 |

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, майдонҳои футболбозӣ, волейболбозӣ ва дигар ашёву афзори варзишӣ, инчунин таҷҳизотҳои машқи бадан ба мушоҳида мерасанд.

Қайд кардан зарур аст, ки то ба ҳолати 31.12.2014 аз ҳисоби буҷети ноҳия барои рушди варзиш зиёда аз 92 ҳазор сомонӣ, аз ин: дар соли 2011 дар ҳаҷми 9,1 ҳазор сомонӣ, дар соли 2012 дар ҳаҷми 17,8 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 дар ҳаҷми 15,6 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2014 бошад дар ҳаҷми 17,9 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст.

*Ҷадвали №46. Ҷоизаҳои варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо дар тӯли солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нукра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 2 | 2011 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 3 | 2012 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 4 | 2013 | 0 | 11 | 11 | 22 |
| 5 | 2014 | 0 | 0 | 0 | 0 |

*Диаграммаи №8. Маблаггузории соҳаи варзиш аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2012-2015 бо ҳазор сомонӣ*




***Масъалаҳои ҷавонон.*** Ба ҳолати 31.12.2014 дар ноҳияи Айнӣ шумораи умумии ҷавонон 29173 нафар, аз ин 14755 нафарро занон ташкил медиҳад. Вале нарасидани марказҳои муосири ҷавонон, кружокҳои омӯзишии касбу ҳунарҳои мухталиф имкон намедиҳад, ки ҷавонон дар ин самт пурра фаро гирифта шаванд.

***Баробарии гендерӣ.*** Дар ноҳия мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 31.12.2014 - 76797 нафар аҳолӣ вуҷуд дорад, ки аз он 38832 нафарашонро занон/духтарон ташкил медиҳанд. Дар шароити кунунӣ, занони ноҳия дар зинаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ фаъолият намуда, барои пешрафти ҷомеа саҳми арзанда доранд.

Ба ҳолати 31.12.2014 шумораи занони қобили меҳнати ноҳия 23401 нафар буда, аз ин 30 нафар хизматчии давлатӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 607 нафар дар соҳаи маориф, дар соҳаи тандурустӣ 471 нафар, 92 нафар дар соҳаи фарҳанг, 21 нафар дар соҳаи коммуналӣ, 128 нафар дар соҳаи саноат кору фаъолият менамоянд. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад 1673 нафар занон кору фаъолият намуда, 235 нафар зан раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд ва саҳми арзандаи худро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар гузошта истодаанд.

Дар ин давра дар соҳаи варзиш аз ҳисоби ҷавондухтарон 2 нафар соҳиби медали биринҷӣ гаштаанд. Айни замоншумораи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон 25 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия 77 нафар занон бо соҳибкории хурду миёна машғул мебошанд ва аксаран заноне ҳастанд, ки дар маҳал зиндагӣ мекунанд.

Бо мақсади амалӣ гардидани Барномаи давлатии «Пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023» кормандони бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ дар ҳамбастагӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Кӯҳсор» дар доираи Лоиҳаи “Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз ҷониби ОБСЕ маблағгузорӣ мешавад, дар байни аҳолии шаҳр роҷеъ ба мавзӯи зӯроварӣ дар оила пайваста суҳбату вохӯриҳо мегузаронад. Илова бар ин, бахши занони ноҳия бо ташкилотҳои ҷамъиятии “Хайрандеш”, “Оксфам”, “Дилафшин” ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамкории зич дорад.

*Диаграммаи №9. Ҳиссаи занони қобили меҳнат*
*дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи н. Айнӣ ба ҳолати 31.12.2014*




Занону духтарони ноҳия ба марказҳои хизматрасонӣ ба мисли кошонаи ҳусн ва сехи дӯзандагӣ ниёз доранд. Ҳамчунин бо мақсади паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот кушодани сехи дӯзандагӣ ва корхонаҳои хурди коркарди консервакунонӣ манфиатовар аст.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Хизматрасонии манзилию коммуналӣ

Ҳадафҳои асосии соҳаи мазкур рушди бахшҳои инфрасохторӣ ва ташкили соҳаҳои хоҷагии манзилӣ- комуналии ноҳия мебошад.

***Таъминот бо оби нӯшокӣ.*** Ҳарчанд ноҳия захираҳои бойи оби нӯшокӣ дошта бошад ҳам, вале 15,4% аҳолии он оби нӯшокии хушсифат дастрасӣ надоранд. Манбаи асосии оби нӯшокии аҳолӣ чашмаҳои худҷорӣ мебошад.

*Ҷадвали №47. Дастрасӣ ба оби нӯшокӣ дар огози соли 2015*

| № | Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Ба об дастрасӣ доранд | % | Ба об дастрасӣ надоранд | % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Айнӣ | 14862 | 12573 | 84,5 | 2289 | 15,5 |
| 2 | Дар-дар | 7562 | 6397 | 84,6 | 1165 | 15,4 |
| 3 | Урметан | 18017 | 15242 | 84,6 | 2775 | 15,4 |
| 4 | Рарз | 9662 | 8164 | 84,4 | 1498 | 15,6 |
| 5 | Шамтуч | 6553 | 5511 | 84,0 | 1042 | 16,0 |
| 6 | Анзоб | 8440 | 7140 | 84,6 | 1300 | 15,4 |
| 7 | Фондарё | 9478 | 7980 | 84,2 | 1498 | 15,8 |
| 8 | Зарафшон | 2223 | 1873 | 84,2 | 350 | 15,8 |
| Ҳамагӣ: | | 76797 | 64880 | 84,5 | 11827 | 15,5 |

Шумораи нуқтаҳои оби нӯшокӣ дар маркази ноҳия 146 адад буда, аз он 68 адади он аз даруни хонаҳои аҳолӣ ва 78 адад берун аз ҳавлӣ ҳамчун нуқтаҳои истифодаи умум мебошад. Маблағи ҳаққи истифодаи оби нӯшокӣ дар соли 2014 баробари 72,5 фоиз ва дар соли 2013 83,2 фоизи нақша ҷамовари карда шудааст. Истифодаи шабонарӯзӣ об дар маркази ноҳия 750м$^3$ ва талафот 55,6 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда мувофиқи меъёрҳои муайяншуда на бояд аз 20 боло бошад.

Мушкилоти асосии обтаъминкунӣ дар ноҳия, гарчанде сарчашмаҳои оби нушокӣ зиёданд, аз сабаби сол то сол зиёд шудани истеъмолкунандагон ва ба вуҷуд омадани маҳалҳои нави аҳолинишин, ки ҷойгиршавии мавқеашон аз рӯи релеф ҳархела мебошад. Сабаби асосии бо об таъмин набудани баъзе аз маҳалҳо ин асосан нарасидани маблағ ва дар масофаи дур воқеъ будани манбаъҳои оби нӯшокӣ мебошад. Барои ба танзим даровардани масъалаи обтаъминкунӣ ва хизматрасонии рифоҳӣ дар маркази ноҳия Муассисаи хоҷагии манзилию комуналӣ (МСХМК) фаъолият дорад, ки дар он 36 нафар кормандон кор мекунанд. Муассисаи мазкур ба 3000 муштарӣ хизмат мерасонад, ки аз он 32 корхонаю ташкилот, муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ мебошанд. МСХМК танҳо ба маркази ноҳия хизмат мерасонад.

Дар мувозинаи муассиса 1 автомашинаи ГАЗ-53, як трактори Т-40, ки дар ҳолати корношоям мебошанд, мавҷуданд. Бо сабаби нарасидани нақлиёт, сузишвори ва дар масофаи дур воқеъ будани партовгоҳ (6км) Идораи хоҷагии манзилию коммуналӣ ба таври зарури хизмат расонида наметавонад. Соли 2014 барои хизмати расонидаи муассиса баробари 72,5% ва соли 2013 дар ҳаҷми 83,2 %-и нақша маблағ ҷамъ овардааст. Корхона ба 1 адад мошини КАМАЗ, ЗИЛ-130-и обкашон, таҷҳизоти кафшергарӣ ва мошини ассенизатор эҳтиёҷ дорад.

**Обу ташноб ва рифоҳӣ.** Дар ноҳия хати ташноб мавҷуд нест. Дарозии хати асосии оби нушокии маркази ноҳия 22км-ро ташкил медиҳад. Он дар мувозинаи ноҳия буда, ба муассисаҳои иҷтимои (Муассисаҳои томактабӣ, корхонаҳои хусуси) хизмат мерасонад. Дар манзилҳои истиқомати аҳолӣ аз ҳоҷатхонаҳои септикӣ истифода менамоянд.

**Барқтаъминкунӣ:** Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 469 нафар ё 0,6 фоиз аҳолии дараи Яғноб бо неруи барқ мунтазам таъмин нестанд. Ба аҳолии ноҳия Муассисаи

давлатии «Шабакаҳои барқи ноҳияи Айнӣ» хизмат мерасонад, ки шумораи кормандонаш 83 нафар, аз он 12 нафар занҳо мебошанд. Дар мувозинаи шабакаи номбурда зеристгоҳи барқии шиддаташ 35 кВ (аз ҷумла, ЗИБ «167адад» 110/35-6 кВ, ЗИБ «1 адад» 35/10 кВ, ЗИБ «1 адад» 35/10кВ, мавҷуд аст. Илова бар ин, дар тавозуни муассисаи мазкур трансформаторҳои иқтидорашон аз 25 кВа то 1000 кВа ва дар тавозуни ташкилоту муассисаҳои ноҳия бошад, трансформатори иқтидорашон гуногун мавҷуд мебошад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 6-10кВ 374 км, дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВ 456км буда, 100 фоизи аҳолии ноҳияро бо нерӯи барқ таъмин менамояд. Дар соли 2014 дар миқёси ноҳия ба миқдори 717645,6 ҳазор кВт/соат нерӯи барқ истеъмол шудааст. Миқдори зеристгоҳҳои баландшидат 7 адад буда, истгоҳои барқи зиёда аз 100 ададро ташкил медиҳад, ки қисми зиёди онҳо таъмирталаб мебошанд.

Ҷиҳати мунтазам таъмин намудани аҳолии ноҳияҳои води Зарафшон бо неруи барқ дар мавзеи дашти «Искодар» зеристгоҳи 220 кВт фаъолият мекунад инчунин нерӯгоҳи хурди барқи «Дижик» бо иқтидори 250 кВт, неругоҳи хурди барқии «Марзич» (4,3МГВ) амал мекунанд. Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа, зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон мебошад. Қарзи асосӣ ба души ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2014 қариб 2564,3 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 630,3 ҳазор сомонӣ зиёд гаштааст.

Талаботи умумии ноҳия ба ҳисобкунакҳои электронӣ 17945 ҳазор ададро ташкил дода, аз ин 1025 адад ҳоло васл гардида, эҳтиёҷоти боқимонда 16920 ададро ташкил медиҳад.

Бинобар набудани гази табиӣ ва баланд будани нархи хариди ангиштсанг ва мушкил будани кашонидани он, аҳолии ноҳия аз қувваи барқ дар фасли тирамоҳу зимистон зиёд истифода мебарад, ки боиси аз кор баромадани зеристгоҳҳои хурди барқи ва хатҳои интиқоли барқ мегардад.

*Ҷадвали №48. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди истеҳсоли барқ дар солҳои 2014-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Истеҳсоли қувваи барқ (ҳазор КВТ/ соат) | 942,7 | 948,0 | 950,0 | 1000 | 1100 | 1200 | 1300 | 138 |
| Маблағ ҳазор сомонӣ | 103,7 | 110,0 | 121,0 | 132,0 | 148,0 | 150,0 | 162,5 | 157 |

**Нақлиёт ва комуникатсия:** Шоҳроҳи Душанбе - Чанок, ки он пайвандкунандаи қисми шимолию ҷануби ҷуҳурӣ мебошанд дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ мегузарад ва барои иқтисодиёти ноҳия аҳамияти муҳими стратегӣ дорад. Бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори водии Зарафшон айни замон бо дастгирии молиявии Ҷумҳурии Халқии Хитой шоҳроҳи Айнӣ - Панҷакент азнавсозӣ шуда истодааст. Шоҳроҳи мазкур барои иқтисодиёти ноҳия аҳамияти муҳим дорад. Вале ҳолати роҳҳои аҳамияти маҳалидошта байни ҷамоатҳои ноҳия дар ҳолати наонқадар хуб қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Дар соли 2014 тавассути нақлиёти боркашони 167,4 ҳазор тонна бор ва 2202 ҳазор нафар мусофирон кашонида шуданд, ки нисбат ба соли 2013 мутаносибан 101 ва 130,8 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми боркашони ва мусофиркашонӣ аз ҷониби соҳибкорони ноҳия ба иҷро расонида шудааст. Дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 4 хатсайри мусофиркашони амал мекунад. Вале бинобар набудани автобусҳои мусофиркашони дар хатсайрҳои дохилии ноҳия Айнӣ - Дарғ (60км), Айнӣ-Урметан (40 км) ва Айнӣ-Анзоб (60км) хизматрасонии нақлиёти ба роҳ монда нашудааст.

Барои ташкил кардани хатсайрҳои мазкур дастрас намудани нақлиёти иловагӣ зарур мебошад, ки маблағи калонро талаб менамояд ва соҳибкорон ба он таваҷҷуҳ надоранд, вале сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айниро зарур аст, ки ҷиҳати кушодани хатсайрҳои дохилии мазкур тадбирҳои зарури андешад.

*Ҷадвали №49. Дурнамои рушди соҳаи нақлиёт дар солҳои 2014-2020*

| Нишондодҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Ҳмҷми боркашонӣ | 13,0 | 14,0 | 15,0 | 18,0 | 19,0 | 19,5 | 20,0 | 154 |
| Гардиши бор | 390,0 | 420,0 | 430,0 | 460,0 | 470,0 | 475,0 | 477,2 | 122 |
| Мусофиркашонӣ | 45,0 | 46,0 | 48,0 | 50,0 | 52,0 | 53,2 | 53,8 | 119 |
| Гардиши мусофир | 1350,0 | 1380,0 | 1440,0 | 1500,0 | 1560,0 | 1562,0 | 1589,1 | 117 |

Дар мувозинаи Муассисаи давлати нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Айнӣ 327,1 км роҳҳои истифодаи умум мавҷуд аст, ки аз он 39,5 км аҳамияти байналмилалӣ, 153,4 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 134,2 км роҳҳои аҳамияти маҳалӣ мебошад. Умуман ҳолати техникии роҳҳои аҳамияти маҳалии ноҳияи Айнӣ ба меъёрҳои роҳсозӣ ҷавобгӯ нестанд ва аз соли 1988 то ба имрӯз ягон маротиба таъмири асосӣ нагардидаанд. Соли 2014 барои нигоҳдориии роҳҳои маҳалли ҳамагӣ 407 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки он басанда нест, зеро тибқи меъёри амалкунанда барои нигоҳдории 1 км роҳ 385 сомонӣ муайян гардидааст.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия аз рӯи намуди фарш:

- фарши асфалту бетон 25 км,
- фарши такмилёфтаи роҳ 250км.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳия 44 адад пул ва 377 адад қубурҳои обгузар мавҷуд мебошад. Аз 44 адад пулҳои мавҷудаи ноҳия, дар 6 адади он таъмири асосӣ гузаронидан лозим аст. Ҳолати воқеии роҳҳо ва пулҳои ноҳия бинобар солҳои тӯлонӣ аз сабаби норасогии маблағгузорӣ таъмир нагаштан, хело фарсуда шуда, ба сохтмон ва азнавбарқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар аксарияти маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои корами обӣ дар канори роҳҳо қубурҳои обгузар шинонида нашудааст ва об ба сатҳи роҳ баромада, сабаби вайроншавии пеш аз мӯҳлати роҳҳо мегардад. Бояд қайд намуд, ки дар роҳи автомобилгарди Айнӣ-Панҷакент сарҳади Ӯзбекистон корҳои сохтмони идома дорад.

*Ҷадвали №50. Дурнамои рушди соҳаи нақлиёт дар солҳои 2014-2018*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳо | дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Масофаи умумии роҳҳои нақлиёти | 327,1 | 375,4 | 386,8 | 488,6 | 488,6 | 489,1 | 489,3 | 149 |
| Аз ҷумла бо пушиши сахт | 145 | 160 | 175 | 180 | 180 | 181 | 188 | 124 |
| Аз онҳо бо пушиши такмилшуда | 30,9 | 30,9 | 74,0 | 60,0 | 60,0 | 60,5 | 70,0 | 194 |
| Роҳҳо | 209,9 | 215,9 | 274,0 | 274,0 | 274,0 | 274,0 | 278,0 | 130 |
| ҷумҳуриявӣ | 39,5 | 39,5 | 39,5 | 39,5 | 39,5 | 39,5 | 39,5 | 100 |
| маҳаллӣ | 153,4 | 170,0 | 216,0 | 288,0 | 288,0 | 288,2 | 288,7 | 187 |

**Мушкилоти асосии соҳ**а аз таъмирталаб гаштани аксарияти роҳҳои маҳаллии ноҳия, набудани хатсайрҳо аз маркази ноҳия то ҷамоатҳои деҳот, иваз намудани купрукҳои болопушашон аз чубин, маҳдуд будани маблағ барои нигоҳубини роҳҳо**,** фарсуда гаштани воситаҳои техникии МДНРА-и ноҳия ва мавҷуд набудани заводи асфалтбарорӣ дар миқёси ноҳия, набудани бинои маъмурӣ (утоқҳои корӣ), валангор гаштани роҳи худи идора ва купруки назди он.

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ:** Аҳолии ноҳия аз шабакаҳои мобилӣ хизматрасонии ҶСК «Тоҷиктелеком», «Тсел», «Вавилон», «МЛТ», «ТК-Мобайл», «Телеком-технолоҷӣ», «Мегафон» ва ғайра истифода мебаранд. Аз маркази ноҳия то маркази вилояти Суғд хати нури кашида шуда, пойгоҳи маркасии ноҳия ба маркази вилоят васл карда шудааст, ки

хати мазкур бо таҷҳизотҳои замонавии рақамӣ SDH дар асоси таҷҳизоти STM -4 алоқа сохта, мебошад. Ин имкон медиҳад, ки муштариён аз хизматрасонии пайвастшави бо Интернет ва почтаи электронӣ бархурдор шаванд.

Дар ҳудуди ноҳия 4 барномаи телевизионӣ (ТВТ, ТВ Сафина, «Баҳористон» ва «Ҷаҳоннамо») як барномаи «РТР» ва «Планета» ва 2 барномаи радиои «Тоҷикистон» пахш карда мешавад. Фарогирии пахши барномаи «ТВТ»- 99,5 фоиз, ТВ «Сафина»- 66,5 фоиз, ТК «Баҳористон» – 14,3 фоиз ва «Ҷаҳоннамо»-26,7 фоизи ҳудуди ноҳияро ташкил медиҳад.

Фарогирии пахши радио, аз ҷумла: Барномаи якуми Тоҷикистон 26,0, Барномаи Тоҷикистон 13,0 фоизро ташкил медиҳад. Рӯзномаи «Меҳнат» нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ моҳе як маротиба бо теъдоди зиёда аз 700 нусха чоп мешавад ва 50 фоизи аҳолии ноҳия ба он дастраси доранд. Рузномаи мазкур дар шаҳри Душанбе ба чоп расонида мешавад. Радиои маҳаллӣ фаъолият мекунад.

*Ҷадвали №51. Дурнамои рушди соҳаҳои алоқаю иттилоот дар солҳои 2015-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисоботи | 2015 баҳо | Дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Радиошунавонӣ, телевизион (ҳамаи барномаҳо) | 6 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 116 |
| Ҳаҷми радиошунавонӣ дар шабонарӯзӣ | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 100 |
| Аз ҷумла барномаҳои ҷумҳуриявӣ | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 | 100 |
| Соати пахши барномаҳои телевизион аз ҷумла барномаҳо | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 100 |
| Ҷумҳуриявӣ % пахши барномаҳои радио % дар ҳудуди ноҳия % | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 100 |
| % пахши барномаҳои телевизион дар ҳудуди ноҳия % | 21,7 | 21,7 | 21,7 | 21,7 | 21,7 | 21,9 | 22 | 101 |
| Шумораи мавҷпаҳкунанда | 98,5 | 98,5 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 101 |
| Шумораи мавҷгирҳои телевизионӣ | 81 | 83 | 83 | 83 | 83 | 83 | 84 | 103 |

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳолати фавқулодда

Дар солҳои 2012-2014 дар ноҳия 54 ҳодисаи фавқулода аз ҷумла 1 3 сел, 10 ярч, 24 тарма, сардии аз меъёр зиёд-6, баланд шудани сатҳи оби рудҳо- 1, ҳодиса ба қайд гирифта шудааст.

Ҳудуди ноҳия ба равандҳои хатарноки табиӣ мувоҷеҳ аст. Ба 26 деҳаи ноҳия чунин хатарҳо таҳдид мекунанд. Дар баъзе деҳаҳо якбора хатарҳои зиёде чун сел, ярч, сангпар, тарма ва ғайра таҳдид менамояд. Дар ҷадвал равандҳои геологи, ки ба деҳаҳо таҳдид мекунанд, оварда шудааст.

*Ҷадвали №52. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда дар ноҳияи Айнӣ*

| Ҷамоати деҳот | Деҳа | Намуди хатарҳо | Ҷамоати деҳот | Деҳа | Набудани хатарҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Урметан | Урметан Ёвон<br>Ревад Вашан | Сел, равандҳои эррозияви сел.<br>Ярч сангфаро ярч | Рарз | Фатмев | Куҳфарои, сангрез |
| Дар - дар | Искодар Дар - Дар Кум<br>Зеробод | Сел шусташавии сохилҳо сел ярч | Шамтуч | Гузари Бод<br>Похут<br>Шавадки поён<br>Вешаб Шамтуч<br>Дарғ Утоғар | Ярч сангрез<br>Ярч сангрез<br>Ярч сангрез<br>Сангрез<br>Сангрез<br>Сангрез<br>Сангрез |
| Айнӣ | Путхин Кӯҳруд<br>Зиндакон<br>Хушекат | Сел ярч<br>Сел ярч<br>Сел ярч<br>Санг фаро | Фондарё<br>Пасруд Пинён | Махшевад<br>Дижик | Ярч сел сангрез |
| | | | Анзоб | Такфон<br>Пишанза | Ярҷ куҳфарои<br>Ярҷ |

Таҳлилҳо собит менамояд, ки барои пешгири ва бартараф намудани офатҳо ва оқибатҳои онҳо захираҳои моддӣ ва молиявӣ заруранд. Онҳо дар буҷети ноҳия пешбинӣ нашудаанд. Айни замон дар ноҳия 13 хадамот мавҷуд аст, ки ҳангоми ҳодисаҳои фавқулодда сафарбар мешаванд. Дар зери руйхати онҳо оварда мешавад.

*Ҷадвали №53. Маълумот оид ба нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Воситаҳои мавҷуда | Захираҳо | Талабот |
|---|---|---|
| Умури огоҳсозӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком» ) | | |
| 1.ССВ-1-1 адад<br>2.ВАЗ-НИВА-1 адад<br>3. ГАЗ-53-1<br>4. Генератор-2-адад. (коршоям)<br>5. Марказҳои алоқаи деҳот -8 адад. Дар ҳамаи ҷамоатҳо 1 адад. | Нест | Сузишворӣ- 5 тонна<br>Нақлиёти алоқаи фаврӣ - 1адад. Симчубҳо - 120 дона<br>Кабел-15 км. |
| Умури хизмати тиббӣ (Беморхонаи марказии ноҳия) | | |
| Автомашина – 4 адад. (2 корношоям)<br>Дизкамераи сайёр-1 адад<br>Таҷҳизоти ренгенӣ-1 адад<br>88 духтур, 328 кмт | 15% талабот ба доруворӣ | Автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ—адад.<br>Дизкамера - 1адад.<br>Таҷҳизоти флюорографӣ - 1адад.<br>Утоқи сайёри ҷарроҳӣ – 1 адад.<br>Маҷмуи таҷҳизоти тиббӣ хаймаҳо, дорувор, сузишворӣ, хӯрока |
| Умури ҳифзи тартибот (ШКД) | | |
| 65 нафар корманд<br>7 нафар нозири минтақавӣ ва 2 нафар дар ноҳия<br>5 автомашина (2 БДА,3 хизматӣ) | Нест | Автомошини махсус бо воситаи алоқаи ҳозиразамон<br>16 радиостансия, сузишворӣ, 1 адад мошини посбонӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Умури сӯхторхомушкунӣ | | |
| Нақлиёт 1 адад | 70 литр сӯзишворӣ | Мошини нордбондор 1 адад (ё таъмири чунин мошин) сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ |
| Умури нақлиёт( ҶС «Қосимҷон») | | |
| Нақлиёти боркаш 5 адад.<br>(2-коршоям) нақлиёти мусофирбар-10 адад. (7- корношоям) УАЗ-469-1(корношоям) | Нест | Нақлиёти мусофирбар 17 адад<br>Нақлиёти боркаш-10адад<br>Аккумулятор, қисми эҳтиёти, сӯзишвори, чархҳо. |
| Умури роҳ (МНДРА) | | |
| С- 100- 5- адад (корношоям)<br>С-130-3- адад (корношоям)<br>ДТ- 75- 5- адад (корношоям)<br>Грейдер- 3 – адад (корношоям)<br>Эксskватор- 1 адад (корношоям)<br>Таҷҳизоти Кафшер-1 – адад (корношоям)<br>Автокран 2 адад (корношоям) | Нест | Борбардор -2 адад<br>Грейдер-2 адад<br>Сӯзишворӣ -60 тонна |
| Умури хизмати комуналӣ | | |
| ГАЗ - 53- 1 адад<br>ЗИЛ (обпош)-1 адад<br>ГАЗ -53 (бо манора)1ад.<br>Т-40-1 адад<br>ГАЗ - 53 – ассенизатор (корношоям) | Нест | Нақлиёти мададгор-1адад.<br>Нақ. Боркаш- 1 адад.<br>Нақ. Обкаш- 1 адад.<br>Ассенизатор- 1 адад.<br>Т- 40 1 адад.<br>Эскватор- 1 адад.<br>Булдозер- 1 адад.<br>Сузишвори-15т қисмҳои эҳтиёти чарх масолеҳи сотмон |
| Умури санитарӣ ва назоратӣ эпидемилогӣ | | |
| Корманд- 28<br>Контейнер барои санҷиш 2 адад.<br>Ташхисгоҳ -2 то<br>Мошини хизматӣ –1 адад. | Хлор-90кг | Нақлиёт бо дизкамера<br>Реактивҳо, барои ташхисгоҳҳо, сузишвори |
| Умури савдо ва хуроки умуми | | |
| Ҷамъияти матлубот | Нест | Захираи хурока, либос, сузишшвори, нақлиёти боркаш |
| Умурм ҳифзи ҳайвонот ва рустани | | |
| Идораи кишоварзӣ трактор 55 адад.<br>Автомашина 2 адад.<br>Идораи байтори 2 техника<br>Ветбаклабаратория – 1 адад. | Нест | ---- |
| Умури барқрасонӣ | | |
| Зеристгоҳ - 4 адад.<br>Автокран - 1 адад.<br>Техника - 1 адад.<br>Мошини ёрии техникӣ – 1 адад. | Нест | Симчуб- 7<br>Сим –8 км.<br>Кабели АВВТ- 50-3 км.<br>Трансфарматор -3 адад<br>Сузишворӣ - 2 адад |
| Умури пешгири сел ва соҳилмустаҳкамкунӣ | | |
| Ҳамагӣ 2 адад. техника<br>ЗИЛ- 1адад.<br>Мошини хизматӣ 1 адад.<br>пойгоҳи насосӣ 2 адад. | Нест | Автокран 1адад.<br>Борбардор 1 адад.<br>КАМАЗ -и боркаш 1 адад.<br>Трактори МТЗ-82 1адад.<br>Сузишворӣ 15т. қисмҳои эҳтиётӣ |
| Ситоди МШ ва ҲФ | | |
| Нест | Нест | Таъсиси ситод |

Масъалаи коҳишдодани хатари ҳолати фавқулодда бояд дар маҷмуъ, бо ҷалби ҳамаи сохторҳои дахлдор бо фарогирии умури инфрасохтори баррасӣ ва ҳал карда шавад. Дар ин раванд мувофиқи намунаи тадбирҳо нақшаҳои омодаги ба ҳолати фавқулодда зарур аст. Бо назардошти он ки офатҳои табиии зиёни ҷидди дар пай доранд, барномаи коҳиш додани зиёни онҳоро бо ҷалби ҳамаи сохтору умури марбута таҳия намудан лозим аст. Мушкилоти асосии бахши пешгири ва коҳиш додани зиёни офатҳои табиӣ:

- Норасоии маблағгузории буҷети ҷиҳати огоҳкуни ва камсамар будани умури огоҳкунии офатҳои табии, аз ҷумла минтақабанди нашудани мавзеъҳое, ки ба хатари экзогени мувоҷеҳ хастанд.
- Таҳия намудани хатари минтақаҳои хавфнок;
- Корношоям будани механизми огоҳнамои ва кам намудани оқибати ҲФ;
- Баҳогузории техники нашудани фонди манзил;
- Набудани воситаҳои иҷрои тадбирҳои маҷмӯӣ митигатсионӣ.

***Мақсад ва вазифаҳо ҷиҳати кам кардани хатари офатҳои табии.***

Мақсади асоси муттаҳид намудани тадбирҳо ҷиҳати коҳишдодани хатари офати табии бо истифодаи тадбирҳои митигатсионӣ ва ғайримитигатсиони ва маблағгузории алоҳида дар ҳамаи буҷетҳои рушд аст.

**Экология.** Қисми зиёди захираҳои заминҳоро ҷангалзор, чарогоҳ ва растаниҳои бисёрсола ташкил медиҳад. Мушкилоти асоси ҳифзи ҷангалзор аст.

Дар ноҳия ҳодисаҳои буриши беиҷозати дарахтон, аз худкунии заминҳо бе назардошти офатҳои табии зиёд ба назар мерасад, ки ин ба кам шудани ҷангалзор ва вайроншавии замин махсусан чарогоҳҳо оварда мерасонад.

Мушкилоти дигар экологи таъмини оби нӯшокӣ, кори хатҳои обу ташноб, баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ), таъмини шароит барои рушди экотуризм истифодаи оқилонаи захираҳои табии, таъмини рушди бахши ҷамъоварию коркарди рустаниҳои шифоӣ, маърифати экологии аҳолӣ мебошанд.

Аз соли 1972 дар ҳудуди ноҳия бо мақсади барқарор намудани арчазор қитъаи ниҳолпарварии «Сойи Вота» амал мекунад. Ҳоло сатҳи барқароркунии ҷангал аз буридан кам аст. Ба ин норасоии нерӯӣ барқ мусоидат мекунад. Ҳудуди дигари муҳофизатшаванда мамнуъгоҳи «Искандаркул» аст, ки соли 1969 дар ҳудуди 30 ҳазор га таъсис шуда дар атрофии Искандаркул ҷойгир аст.

Олами набототу ҳайвоноти мамнуъгоҳ бо махсусияту нодир буданаш фарқ мекунад. Яке аз манбаъҳои молиявӣ соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла экотуризм аст. Вале мавҷуд набудани шароити мусоид, барномаи рушди соҳа боиси зиёд шудани туризми худсарона мегардад, ки ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад.

МИҲД-и ноҳия якҷо бо бахши ҳифзи муҳити зист, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъияти бо ҷалби васеи аҳолӣ барои ҳалли мушкилоти экологӣ корҳои муайянеро аз қабили ҳашаротҳо барои тоза кардани соҳили дарёҳо, сойҳо ва деҳаҳоро ташкил менамояд.

Бо дастгирии созмонҳои Агроаксияи Олмон, БРСММ, барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ корҳои зиёде иҷро карда шудааст. Ба деҳаҳои ҷамоати Шамтуч, Рарз, Айнӣ, Фондарё, Урметан ва Дар-Дар хати оби нӯшоки гузаронида шудааст.

Ҳалли масъалаҳои зайл барои беҳдошти вазъи экологии ноҳия ва сатҳи рӯзгори аҳолӣ мусоидат менамояд, аз ҷумла рушди минбаъдаи саноати маъдани кӯҳӣ рушди минбаъдаи экотуризм ва муҳайё намудани шароити рӯзгор ҳифз ва беҳдошти ҳолати экологии пойгоҳҳои сайёҳии Искандаркӯл ва Алловидин беҳтар намудани нигоҳубин ба минтақаҳои ниҳолпарварии сойи Вота ва Искандаркул меоварад. Ташкили коркарди пуст ва пашм, бунёди сехҳо барои коркарди меваю сабзавот, ҳифзи мавзеъҳое, ки рустаниҳои шифои меруянд, ташкили ҷамоварӣ ва коркарди онҳо, сохтмони ҳамомҳои ҷамъияти дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот, истеҳсоли мармар ва дигар сангҳои бинокорӣ, ташкили коргоҳҳои хурди ҳунарҳои халқӣ ва хонагӣ (қуроқ, армуғонҳо, аз санг, чуб, пуст) ҷораи сари вақтист. Таваҷҷуҳи ҷидди ба рушди хоҷагии ҷангал, ҳифз ва ҷамоварию коркарди рустаниҳои шифоӣ ва рушди замбурпарварӣ, ҷамоварӣ ва безараргардонии партовҳо ташкили партовгоҳҳо дар ҷамоатҳои деҳот ба кор андохтани хати дуюми партовнигоҳдори дар КМ, «Анзоб» таъмин намудани сокинони 18 деҳа бо оби нӯшокӣ оғоз намудани бунёди хати оби ташноб дар маркази ноҳия ва беҳдошти маърифати экологии ҷомеа (тренингҳо машваратҳо идҳои эко- этнографии ва ғайра) додан зарур мебошад.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД

***Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Органи масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, Шуъбаи рушди иқтисод ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ ва зергурӯҳҳои ташаббускори он, баланд намудани иқтидори зеҳнии онҳо оид ба масъалаҳои банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар вобаста ба масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати иқтисод ва савдои вилоят, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст.

Масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ - яке аз муовинони Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисодиёт, шӯъбаи рушди иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда, ҳамзамон роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

*Мушкилиҳои асосии* мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Айнӣ вобаста ба татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, инҳо мебошанд:

- Потенсиали нисбатан пасти техникии шӯъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шӯъбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фондрейзинг ва тарҳрезии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.
- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оид ба истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.
- Сатҳи пасти музди меҳнат ва мавҷуд набудани низоми ҳавасмандгардонии кормандон.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.
- Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии бинои маъмурии ҷамоатҳо.

**5.1. Таъминоти буҷетиву молиявӣ**

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояҳои дохилию хориҷӣ (соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетие, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет, андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андози замин аз шахсони воқеъӣ ва андоз аз амволи ғайриманқул, маҳсуб меёбад.

*Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Айнӣ дар давоми солҳои 2012-2014 (бо млн. сомонӣ)*




Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ҷамъи даромадҳо 32,3%, маблағҳои мақсаднок 2,2 маротиба ва ҳамагӣ даромадҳо 34,2% афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи бақияи озод манфӣ арзёбӣ гардида, нисбат ба соли 2012 18,0 фоиз кам гаштааст.

Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андози ягона нақши махсус доранд.

*Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Айнӣ дар соли 2014*




Аз таҳлили дар диаграмма овардашуда маълум мегардад, ки дар давраи солҳои 2012-2014 афзоиши воридоти маблағҳо қариб аз рӯи тамоми намуди андозҳо мушоҳида мешавад, ААИ, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо ҷорӣ гардидани амали Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2013, баъзе намудҳои андозҳо барҳам ё ба як намуд якҷоя карда шуданд ва вобаста ба он сохтори қисми даромади буҷет тағйир ёфт. Аз ҷумла андози замин бо андоз аз моликияти ғайриманқул якҷоя гардида боиси коҳиши пардохтҳо аз ин намуди андоз гашт.

*Таҳлили қисми даромади буҷети ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2012-2014*




| | Андоз аз даромади шахси воқеӣ | Андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ | Андоз аз замин аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ | Андоз тибқи системаи соддакардашуда | Андози ягона | Андоз аз арзиши иловашуда | Иҷозатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ | Андоз аз соҳибии воситаҳои нақлиёт | Боҷи давлатӣ | Дигар даромадҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 3,2 | 11 | 1,3 | | 0,5 | 2,7 | 0,1 | 0,3 | 0,2 | 0,2 |
| 2013 | 1 | 10 | 6,6 | 0,6 | 0,6 | 2,3 | 0,2 | 0,7 | 0,2 | 0,3 |
| 2014 | 5,4 | 5,4 | 9 | 0,8 | 0,6 | 7,2 | 0,4 | 0,5 | 0,3 | 0,3 |

Афзоиши нишондиҳандаҳои андозҳои мазкур, ба зиёдшавии сатҳи музди меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳо, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва саноатӣ вобаста мебошад, зеро дар ин соҳаҳо солҳои охир дар натиҷаи ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва корхонаҳои хурд суръати баланди рушд ба назар мерасад .

Ғайр аз ин, то 20,0 фоиз афзудани даромадҳоро аз андози ягона аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро қайд намудан зарур аст, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Нишондиҳандаҳо аз рӯи андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 мутаносибан ба 50,0% ва 66,6% афзоиш ёфтаанд.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар

буҷети маҳаллӣ 88,4% фоизро ташкил дода, хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 21,1% ва 63,7%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Айнӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад.

Дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар доираи барномаи мазкур боз ҳам тақвият дода хоҳад шуд

Барои дарёфти манбаи маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Айнӣ, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ шудаанд, ҳамагӣ дар ҳаҷми 210,1 миллион сомонӣ маблағ лозим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 75,2%-и лоиҳаҳои дар Барномаи рушд, зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошанд. Аз ҷумла ин лоиҳаҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети вилоятӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷии ташкилотҳои байналхалқӣ ва маблағҳои соҳибкорон, ташкилоту муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳияи Айнӣ маблағгузорӣ мегарданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айниро лозим аст, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинишударо, ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳад. Мутахассисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида, таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин лиҳоз, онҳоро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии иловагиро ба таври васеъ истифода ва татбиқ намоянд. Инчунин, масъалаҳоро оид ба ташкили раванди «Фондрейзинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия ). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарпарастӣ мекунад. Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия бахш ё шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои ноҳия масъул муайян карда мешавад.

1. Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои барнома* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Таъмини афзоиши ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии ноҳия | Гузаронидани хатти оби полезӣ ба масофаи 12 км барои обёрии 46,2 га заминҳои мавзеи Ҳаштарободи ҷамоати деҳоти Урметан | 800 | 100 | 150 | 200 | 150 | 200 | аҳолӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ | Номуайян | |
| 2 | | | Бунёд намудани чоҳи амудӣ барои таъмини аҳолӣ бо оби нушокӣ ва полезӣ | 250,4 | 125,2 | 125,2 | | | | Раиси ҷамоати деҳоти Урметан | Фонди Боварӣ | |
| 3 | | | Азнавсозии ҷӯйбори оби полезии мавзеи Зинах-Шоме дар деҳаи Шурмашк, ҷ/д Фондарё; | 270 | 270 | | | | | Раиси ҷамоати деҳоти Фондарё | Фонди Боварӣ | |
| 4 | | | Гузаронидани 20 км хатти оби полезӣ барои обёрии 95 га заминҳои дашти Кумарги ҷамоати деҳоти Айнӣ | 4000 | 800 | 800 | 800 | 800 | 800 | МИҲД н.Айнӣ, Агентии обёрии замин | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| 5 | | | Аз худ кардани 2 га замин дар деҳаи Хайрободи ҷамоати деҳоти Дар-Дар | 75 | 15 | 25 | 35 | | | Ҷонмаҳмадов М. | Соҳибкори маҳаллӣ | |
| 6 | | | Гузаронидани хатти оби полезӣ ба масофаи 30 км барои обёрии 160 га заминҳои мавзеи Испенаи деҳаи Ревади ҷамоати деҳоти Урметан | 4500 | 500 | 500 | 1500 | 1500 | 500 | х/д Б.Гафуров | Номуайян | |
| 7 | | | Бунёди 2 га боғи нав дар мавзеи Биёбони деҳаи Шурмашки ҷамоати деҳоти Фондарё | 30 | 5 | 10 | 10 | 5 | | х/д Кароматулло | Соҳибкори маҳаллӣ | |
| 8 | | | Гузаронидани хатти оби полезӣ ба масофаи 13 км барои обёрии 40 га заминҳои мавзеи Шифити деҳаи Рарзи ҷамоати деҳоти Рарз | 420 | 100 | 120 | 120 | 80 | | х/д Рарз | сармояи хориҷӣ | |
| 9 | | | Гузаронидани хатти оби полезӣ ба масофаи 6 км барои обёрии 30 га заминҳои мавзеи Дашти Кордтезкуни деҳаи Дарги ҷамоати деҳоти Шамтуч | 300 | 70 | 100 | 130 | | | ҷамоати деҳоти "Шамтуч" | Аҳолӣ, шарикони рушд | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | | | Гузаронидани хатти оби полезӣ ба масофаи 4,5 км барои обёрии 15 га заминҳои мавзеи Дашти Томини ҷамоати деҳоти Айнӣ | 150 | | 150 | | | | х/д Истиқлол | Номуайян | |
| 11 | | Ташкил намудани боғҳои нав ва барқарор намудани боғҳои кӯҳна ва дар ин замина истифодаи усулҳои пешқадами боғдорӣ | Таъмири асосии 3 км канали оби полезии байни деҳаҳои Каздону Дарг барои обёрии 18 га заминҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 150 | 20 | 50 | 80 | | | Ҷамоати деҳоти "Шамтуч" | Аҳолӣ, шарикони рушд | |
| 12 | | | Бунёди 8 га заминҳои нав дар деҳаҳои Пасрӯд, Маргузор ва Махшевади ҷамоати деҳоти Фондарё | 160 | 30 | 45 | 55 | 30 | | х/д Фондарё | Номуайян | |
| 13 | | | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 60 га заминҳои мавзеи Дашти Похути ҷамоати деҳоти Рарз | 1360 | 300 | 450 | 450 | 160 | | х/д К.Каримов | Номуайян | |
| 14 | | | Бунёди 1,2 га гармхона барои парвариши сабзавот дар деҳаи Рарзи ҷамоати деҳоти Рарз | 82 | 15 | 20 | 25 | 22 | | Хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоати деҳоти Рарз | Номуайян | |
| 15 | | | Ташкили 7 адад нуқтаҳои хизматрасонии бойторӣ бо дарназардошти дорухонаи бойторӣ ва нуқтаи бордоркунии сунъӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 1750 | 250 | 500 | 500 | 250 | 250 | Идораи бойторӣ | Соҳибкорон | |
| 16 | | | Ташкили фермаи чорвофарбеҳкунӣ дар деҳаи Урметан х/д Урметан | 400 | 50 | 50 | 100 | 100 | 100 | Пиримов А | Сармояи хориҷӣ | |
| 17 | | | Ташкили 10 оилаи занбӯри асал дар ҷамоати деҳоти Фондарё | 100 | 10 | 20 | 30 | 40 | | Маъруфов Ҳ. | Номуайян | |
| 18 | | | Бунёди 50 га заминҳои нав дар мавзеи Сиёҳвардан, Амсо ва деҳаҳои Вота ва Ёвони ҷамоати деҳоти Урметан, Дашти Айнӣ, Боғпарвар, Ғаза ва Бедхонаи ҷамоатҳои деҳоти Айнӣ, Шамтуч ва Рарз | 2800 | 400 | 600 | 700 | 560 | 540 | МИҲД н.Айнӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезия | Буҷети вилояти | |
| 19 | | | Ташкили фермаи мурғпарварӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 1000 | | 250 | 250 | 250 | 250 | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | Сармояи хориҷӣ | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 20 | | | Барқарор намудани фермаҳои чорводорӣ дар миқёси ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 1300 | 300 | 250 | 250 | 200 | 300 | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| 21 | | | Ташкили фермаи чорвопарварӣ дар деҳаи Зиндакони ҷамоати деҳоти Айнӣ барои 40 сар | 300 | | 50 | 150 | 100 | | х/д Зиндакон | Шарикони рушд | |
| 22 | | | Ташкили фермаи моли майда дар дараи Ягноби ҷамоати деҳоти Анзоб | 800 | | | | 400 | 400 | хоҷагии деҳқонии"Аслидди нов" | Номуайян | |
| 23 | | | Бонёди боғҳои нав дар микёси ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 350 | | 87,5 | 87,5 | 87,5 | 87,5 | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | Маблағҳои худӣ | |
| 24 | | | Азхуд намудани заминҳо нави кишоварзи дар дараи Фондарё ва Ягноб | 250 | | 125 | 125 | | | Аҳолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ | |
| 25 | | | Ташкили 8 нуқтаи хизматрасонии бойтори дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 1600 | 200 | 300 | 400 | 500 | 200 | Вазорати кишоварзии ҶТ ва Раёсати кишоварзи | Сармояи хориҷӣ | |
